**ЭЪТИЛОФИ ҶОМЕАИ ШАҲРВАНДӢ БАР ЗИДДИ ШИКАНҶА ВА БЕҶАЗОӢ ДАР ТОҶИКИСТОН**

**(натиҷаи фаъолият дар соли 2017)**

***Душанбе, 2018***

**ЭЪТИЛОФИ ҶОМЕАИ ШАҲРВАНДӢ БАР ЗИДДИ ШИКАНҶА ВА БЕҶАЗОӢ ДАР ТОҶИКИСТОН**

**(натиҷаи фаъолият дар соли 2017)**

***Муаллиф-таҳиягар: Нигина Баҳриева***

Ҳисоботи мазкур дар асоси маълумоту иттилооте, ки аз ҷониби ташкилотҳои аъзои Эътилофи зидди шиканҷа пешниҳод гардидаанд, таҳия карда шудааст.

Дар таҳияи бобҳои ҳисобот шахсони зерин саҳмгузоранд: Нигина Баҳриева, Наҷиба Ширинбекова, Парвина Наврузова, Таҳмина Ҷураева, Гулчеҳра Раҳмонова, Шоира Давлатова, Фавзия Назарова, Хуршеда Раҳимова.

**МУНДАРИҶА**


| | | Саҳ. |
|---|---|---|
| | **Муқаддима** | |
| **1** | Ҳадаф ва самтҳои афзалиятноки фаъолият | **7** |
| **2** | Сохтори Эътилоф | **8** |
| **3** | Фаъолияти Эътилоф дар соли 2017 | **11** |
| **3.1.** | Фаъолияти гурӯҳи корӣ вобаста ба мониторинги ҷойҳои маҳрумият аз озодии назди Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | **11** |
| **3.2.** | Ҷорӣ намудани системаи офиятбахшии ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа ва муносибати бераҳмона | **15** |
| **3.3.** | Кӯмаку дастгирии ҳуқуқӣ | **17** |
| **3.4.** | Ҳуқуқҳои хизматчиёни ҳарбӣ | **23** |
| **3.5.** | Кӯдакон, тадбиқи адолати судӣ нисбати ноболиғон | **25** |
| **3.6.** | Ҷорӣ намудани Принсипҳои Истамбул ҷиҳати самаранок анҷом додани тафтишоти тиббӣ ва ҳуҷҷатгузории ҳолатҳои шиканҷа ва муносибати бераҳмона дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | **27** |
| **3.7.** | Фаъолияти таҳлилӣ ва пешбарӣ кардани тавсияҳои Эътилофи озодӣ аз шиканҷа (эдвокасӣ) | **30** |
| **3.8.** | Интишор кардани проблемаи шиканҷа дар воситаҳои ахбори омма | **33** |

**РӮЙХАТИ ИБОРАҲОИ ИХТИСОРШУДА**

АНМ – Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

ДНДҲИ – Дафтар оид ба ниҳодҳои демократӣ ва ҳуқуқи инсон

ВМКБ - Вилояти мухтори кӯҳистони Бадахшон

КДАМ – Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон

СРИҶҶ – Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятӣ

ГЁҲ – Гурӯҳи ёрии ҳуқуқӣ

ГО – Гурӯҳи офиятбахшии ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа ва/ё аъзоёни оилаҳои онҳо

ИА – Иттиҳоди Аврупо

ҶТ – Ҷумҳурии Тоҷикистон

ВАО – Воситаҳои ахбори омма

ТСТ – Ташхиси судии тиббӣ

КҲИ – Кумитаи ҳуқуқи инсони Созмони милали муттаҳид

ШИМ – Шахси имконияташ маҳдуд

ВКД – Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон

ВКХ – Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон

КБСС – Кумитаи байналмилалии Салиби Сурх

ВМ – Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон

СБҒ – Созмони байналмилалии ғайриҳукуматӣ

ҲБҲИ – Ҳамкории байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон

ИБМ – Ислоҳоти байналмилалии маҳбас

ВА – Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

ТҒҲ – Ташкилоти ғайриҳукуматӣ

МПМ – Механизми пешгирикунандаи миллӣ

ТҶ – Ташкилоти ҷамъиятӣ

САҲА – Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо

ШВКД – Шӯъбаи вазорати корҳои дохилӣ

СММ – Созмони Милали Муттаҳид

ФҶ – Фонди ҷамъиятӣ

БРСММ – Барномаи рушди СММ

НТҶ – Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ

ТТ – Тавқифгоҳи тафтишотӣ

ПИ – Протоколи Истамбул

ДМТ - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

ИҶК БМ – Институти «Ҷамъияти Кушода» - Бунёди Мадад

ТНМ – Тавқифгоҳи нигоҳдории муваққатӣ

ДИ ПҶТ - Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

МИ – Муассисаи ислоҳӣ

ИКОҲИ – Идораи Комиссари Олӣ оид ба ҳуқуқи инсон

КМҶ - Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ

ТДУ – Тафсири даврии универсалӣ

ВҲИ – Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон

ПИКЗШ – Протоколи иловагӣ ба Конвенсияи зидди шиканҷа

ОМ – Осиёи Марказӣ

ЮНИСЕФ – Хазинаи кӯдакони СММ

**Ибораҳои ихтисоршудаи забони англисӣ**

USD – доллари ИМА

DCAF – Маркази назорати демократии Қувваҳои Мусаллаҳ

DFID – Департамент оид ба рушди байналмилалӣ

ABA/ROLI – Ассотсиатсияи Америкоии Ҳуқуқшиносон/ Ташаббус вобаста ба волоияти қонун

NED – Фонди миллии рушди демократия

**МУҚАДДИМА**

Эътилофи ташкилотҳои ғайриҳукуматии зидди шиканҷа моҳи сентябри соли 2011 ҷиҳати муттаҳид сохтани кӯшишҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ бахри мубориза бар зидди шиканҷа ва беҷазоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шудааст. Аз он вақт инҷониб Эътилоф ба сохтори мутаносибан фаъолияткунандаи ҷомеаи шаҳрвандӣ табдил ёфт, ки ҳам дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ эътироф карда мешавад. Эътилоф барои тамоми аъзоён ва шарикон заминаи муҳим ва муҳити бехатар маҳсуб меёбад, ки дар доираи он метавон кӯмаку дастгирӣ, маслиҳат ва машварати касбиро гирифт, сатҳи тахассуси худро баланд бардошт, саъю кӯшишҳоро ҷиҳати боз ҳам самараноктар таъсир расондан муттаҳид сохт ва назди шахсоне, ки қарорҳо қабул мекунанд, ҷабрдидагон ва донорҳо бо як овоз баромад намуд. Шаффофияти фаъолият ва ахлоқи касбӣ дар фаъолияти Эътилоф принсипҳои муҳим ба ҳисоб мераванд.

Аъзо ва шарикони Эътилоф ташкилотҳои ғайриҳукуматии пешқадаму дорои таҷрибаи чандинсола мебошанд, ки онҳоро ташкилоту созмонҳои байналмилалӣ кӯмаку дастгирӣ менамоянд ва онҳо ҷиҳати бурдани гуфтушунидҳо ва муколама бо ҳукуматдорони ҷумҳурӣ дорои имконияту шароитҳои дахлдор мебошанд, бо воситаҳои ахбори омма, ки дар пешбурди фаъолияти мубориза бар зидди шиканҷа ва беҷазоӣ нақши калидиро мебозанд робитаҳоро мустаҳкам менамоянд. Эътилоф дар оғоз намудани муҳокимаи ҷамъиятӣ вобаста ба масъалаи ҳолатҳои шиканҷа мусоидат намуд ва доир ба вазъи ҳолати ҷойдоштаи сатҳи инфиродӣ (кор бевосита бо ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа ва хешовандони онҳо) ва сиёсӣ (таҳлили сиёсат, иштирок дар пешбарии сиёсат) фаҳмиши хуб дорад ва барои пешбарӣ кардани тавсияҳои худ аз механизмҳои миллӣ ва байналмилалӣ самаранок истифода менамояд.

Дар соли 2017 ба Эътилоф муяссар гардид, ки ба тағйиротҳои соҳаи муқовимат ва мубоpизаи самаранок бар зидди шиканҷа дар Тоҷикистон ноил гардад:

- Аз ҷониби ташкилотҳои аъзои Эътилоф 66 мурочиат доир ба ҳолатҳои эҳтимолии шиканҷа ва муносибати бераҳмона ҳуҷҷатгузорӣ карда шуд; вобаста ба 52 парванда манфиатҳои ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа ва муносибати бераҳмона ва аъзоёни оилаҳои онҳо ҳимоя карда шуданд, аз онҳо 40 парвандаи нав ва 12 парвандаи солҳои пешин;
- Эътилоф дар бурдани мурофиаҳои судии стратегӣ ҷои намоёнро ишғол мекунад, пайваста механизми дар асоси ҳалномаҳои судӣ аз ҷониби давлат ба таври дуруст ҷуброн гардидани товони зарари ба ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа ва хешовандони онҳо расонидашударо, ба роҳ мемонад. Аз ҷониби ташкилотҳои аъзо ба таври фаъолона ҷамъоварӣ шудани далелҳо, ҷалби коршиносони миллӣ ва байналмилалӣ оид ба арзёбии товони зарари маънавӣ ба ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа/хешовандони онҳо анҷом дода мешавад, дар рафти мурофиаи судӣ нуқтаи назари «Амикус»-ро мавриди истифода қарор медиҳанд. Соли 2017 вобаста ба парвандаҳое, ки бинобар нодуруст ва беадолатона муқаррар шудани ҳаҷми маблағҳои товони зарар аз рӯи онҳо шикоят оварда шудааст 2 қарори ҷуброн намудани товони зарар бароварда шуд.
- Бори аввал ду аризаи шикоятӣ оид ба ҷуброн намудани товони зарари маънавӣ барои анҷом додани тафтишоти нодуруст таҳия ва пешниҳод карда шуд. Аз рӯи натиҷаҳои баррасии аризаи шикоятӣ вобаста ба парвандаи Умарҷон Бобоҷонов аз ҷониби Прокуратураи генералӣ тафтишоти иловагӣ таъин карда шуд ва иҷроиши онро таҳти назоарти худ гирифт.
- Адвокатҳои Эътилоф дар самти истифода кардани меъёрҳои моддаи 88 прим 1 КМҶ ҶТ тариқи пешниҳод намудани аризаҳои асоснок доир ба қобили қабул набудани нишондодҳои дар натиҷаи истифода шудани шиканҷа ва муносибати бераҳмона гирифташуда, таҷрибаи худро зиёд менамоянд.
- Ба 46 нафар ҷабрдида хизматрасонии офиятбахшӣ расонида шуд: аз онҳо 22 нафарро занон ва 24 нафарро мардон ташкил мекунанд. Аз шумораи умумии ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа 21 нафар бевосита дар натиҷаи истифода шудани шиканҷа ва муносибати бераҳмона зарар дидаанд, боқимонда 25 нафар бошанд хешовандони ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа ва/ё муносибати бераҳмона мебошанд. Нуҳ нафар ҷабрдида ноболиғ мебошанд.

- Ташкилотҳои аъзои Эътилоф аъзоёни гурӯҳи мониторингии ҷойҳои маҳдуд ва маҳрумият аз озодӣ мебошанд, ки назди Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон таъсис дода шудааст. Соли 2017 гурӯҳи мазкур аз 10 муассисаи пӯшидаву нимпӯшида ва чор қисми низомӣ боздид намуд.
- Эътилоф мониторинги аз ҷониби Тоҷикистон иҷро шудани ӯҳдадориҳои худ дар соҳаи озодӣ аз шиканҷаро анҷом медиҳад, ба мақомоти СММ гузоришҳои алтернативӣ омода месозад, инчунин ҳангоми муколамаҳо оид ба ҳуқуқи инсон дар ҷараёни пешбарӣ намудани озодӣ аз шиканҷа фаъолона иштирок мешкунад.
- Аз ҷониби Гурӯҳи медиавӣ зиёда аз 470 мавод, аз ҷумла мақолаҳои таҳлилӣ, натиҷаҳои мониторингҳо, шарҳҳои матбуотӣ ва ғайра нашр карда шуд.
- Аз ҷониби Эътилоф барои 622 корманди мақомоти корҳои дохилӣ доир ба ҳуқуқҳои шахсони дастгиршуда 14 ҷаласаи иттилоотӣ гузаронида шуд; 4 ҷаласаи иттилоотӣ доир ба масъалаҳои марбут ба пешбарӣ намудани Протоколи иловагӣ ва Конвенсияи зидди шиканҷа барои 300 намояндаи мақомоти давлатӣ ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ; зиёда аз 20 тренингу семинарҳо барои адвокатҳо, намояндагони мақомоти давлатӣ ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ доир ба масъалаҳои марбут ба ҳуқуқҳои инсон ва озодӣ аз шиканҷа.
- Аз ҷониби Гурӯҳи ёрии ҳуқуқии Эътилоф бо адвокатҳо, намояндагони ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ВАО, намояндагони қабулгоҳи ВҲИ дар ноҳияҳои кишвар, намояндагони қабулгоҳҳои ройгони ҳуқуқии Вазорати адлия дар вилояти Суғд, вилояти Хатлон, шаҳри Душанбе ва НТҶ зиёда аз 25 вохӯриҳои машваратӣ гузаронида шуд.
- Бо ташаббуси Эътилоф лоиҳаи «Ман ҳомии ҳуқуқам!» татбиқ карда шуд, ки дар он 53 нафар ҳуқуқшинос ва фаъолони ҷомеаи шаҳрвандӣ иштирок карданд.

Эътилоф дар шабакаҳои иҷтимоӣ саҳифа ва торнамои (сомона) худро дорад, ки суроғаи он чунин аст www.notorturetj.org www.notorture.tj ва онҳо воситаи фарогири иттилоотии марбут ба масъалаи шиканҷа ва муносибати бераҳмона дар Тоҷикистон мебошанд, ки аз онҳо метавон мақолаҳои дахлдори ВАО, ҳуҷҷатҳои барномавӣ, натиҷаҳои таҳлилу таҳқиқҳо, мусоҳиба ва дигар маълумоту иттилооти заруриро дастрас намуд.

Эътилоф дар шабакаҳои иҷтимоии зерин саҳифаҳои худро дорад:
Facebook: https://www.facebook.com/noturture.tj/,
Google+:https://plus.google.com/107767311153916349012,
Twitter: https://twitter.com/NoTorturetj, в "Телеграмм" – t.me/notorturetj,
дар Youtube: https://www.youtube.com/channel/UCWfjfabt9tacFgj – rcJZqtw и
дар Soundcloud: https://soundcloud.com/notorture – tj.

Дар соли 2017 фаъолияти умумии Эътилоф аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо, Фонди Зигрид Раузинг Траст, Шӯъбаи Созмони Байналмилалии Институти «Ҷамъияти Кушода» - Бунёди Мадад дар Тоҷикистон, Дафтари барномавии САҲА дар Тоҷикистон, Фонди Ихтиёрии СММ оид ба дастгирии ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа, Вазорати корҳои хориҷии Финляндия, БРСММ ва ғайраҳо кӯмаку дастгирӣ карда шуд.

## 1. ҲАДАФ ВА САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ ФАЪОЛИЯТ

### 1.1. Эътилоф назди худ ҳадафу мақсадҳои зеринро мегузорад:

2. Муттаҳидсозии кӯшиш ва талабот ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ ҷиҳати ташаккули сиёсати «таҳаммулнопазирии комил» нисбат ба шиканҷа дар Тоҷикистон;

- Бо такя ба меъёрҳои байналмилалии ҳуқуқи озодӣ аз шиканҷа, равона сохтани кӯшишҳо баҳри такмил додани қонунгузорӣ ва амалияи истифодаи қонунҳо.

### 2.1. Афзалият ва самтҳои асосии фаъолияти Эътилоф барои солҳои 2016-2020:

1) Пешбарӣ намудани таъсиси системаи самараноки эътино ба арзу шикоятҳо дар бораи шиканҷа ва муносибати бераҳмона ва механизми мустақили тафтишоти ҳолатҳои шиканҷа дар Тоҷикистон

2) Пешбарӣ намудани татбиқи стандартҳои Протоколи Истамбул дар қонунгузорӣ ва амалия, аз ҷумла таъсиси ниҳоди ташхиси (экспертизаи) мустақили тиббии судӣ

3) Пешбарӣ намудани таъсиси ниҳоди назорати ҷамъиятӣ аз болои ҷойҳои маҳдуд ва маҳрумият аз озодӣ

4) Пешбарӣ намудани беҳтаргардонии механизмҳои самараноки ҷуброни товони зарар ба ҷабрдидагон ва аъзоёни оилаҳои онҳо, аз он ҷумла ҷуброни одилонаву дуруст ва таъмин намудани воситаҳо барои эҳтимолан офиятбахшии пурратар.

Дар соли 2018 Эътилоф фаъолияти худро дар самтҳои зерин идома хоҳад дод:

- Такмили минбаъдаи торнамои иттилоотии Эътилоф www.notorturetj.org, ки барои аҳли ҷомеа ва гурӯҳҳои касби манбаи ягонаи маълумоту иттилооти пурраву боэътимод оид ба ҳолатҳои алоҳида, натиҷаҳои мониторинг ва ҳисоботҳо доир ба вазъи озодӣ аз шиканҷа дар Тоҷикистон мебошад. Торнамо ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи огоҳии аҳолӣ оид ба вазъи озодӣ аз шиканҷа дар Тоҷикистон мусоидат мекунад ва ҳамчун заминаи мубодилаи маълумоту иттилоот байни тамоми субъектҳои асосии сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ хизмат мекунад.
- Ҳуҷҷатгузории ҳолатҳои шиканҷа ба Эътилоф ҷиҳати дастрас намудани маълумоту иттилооти бевосита оид ба вазъи шиканҷа дар кишвар мусоидат хоҳад кард. Бурдани мурофиаҳои судии стратегӣ бошад ҷиҳати ба роҳ мондани амалияи устувори истифода гардидани меъёрҳои қонунгузорӣ дар бораи ҳимояи ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа, ҳамчунин амалияи тибқи стандартҳои байналмилалӣ ҷуброн гардидани товони зарар ба ҷабрдидагон ва хешовандони онҳо муфид хоҳад буд.
- Анҷом додани мониторинги иҷро шудани тавсияҳои Кумитаи зидди шиканҷа, Кумитаи оид ба ҳуқуқи инсон, Гузоришгари махсус оид ба масъалаҳои шиканҷа аз рӯи натиҷаҳои боздидҳои ӯ ба Тоҷикистон.
- Таҳияи ҳуҷҷатҳои таҳлилӣ ва гузоришҳои алтернативӣ ба мақомоти СММ, аз ҷумла дар доираи муколамаҳои байниҳукуматӣ оид ба ҳуқуқҳои инсон.
- Иштироки фаъолона дар пешбарӣ намудани сиёсати миллӣ дар соҳаи озодӣ аз шиканҷа: таъсиси ниҳоди мониторинги мустақили ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ, такмили қонунгузорӣ, татбиқи нақшаи чорабиниҳо оид ба ҷорӣ намудани Протоколи Истамбул.
- Гузарондани тренингҳо ва чорабиниҳои маърифатӣ доир ба масъалаҳои озодӣ аз шиканҷа барои адвокатҳои аҳли амал ва намояндагони соҳаи ҳуқуқшиносӣ.

## 3. СОХТОРИ ЭЪТИЛОФ

Эътилофи зидди шиканҷа намояндагони ташкилоту созмонҳои ҳуқуқҳимоякунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шахсони инфиродиро, ки фаъолияти худро баҳри мубориза бар зидди шиканҷа ва муносибати бераҳмона анҷом медиҳанд, муттаҳид месозад ва фаъолияти худро дар асоси **Қоида ва шартҳои мувофиқашудаи иштирок дар Эътилофи ҷомеаи шаҳрвандии зидди шиканҷа ва беҷазоӣ дар Тоҷикистон ва Стратегияҳои дахлдор** анҷом медиҳад.

Ба ҳолати 31 декабри соли 2017 аъзо ва шарикони Эътилофи ташкилотҳои ғайриҳукуматии зидди шиканҷа дар Тоҷикистонро 12 ташкилоти ҷамъиятӣ ва 6 шахсони инфиродӣ ташкил медиҳанд:

1. ТҶ «Апейрон»
2. ТҶ «Анҷумани ҳуқуқшиносони Помир»
3. ТҶ «Идораи ҳуқуқи инсон ва риояи қонуният»
4. ТҶ лигаи занони маъюб «Иштирок»
5. ТҶ «Маркази мустақил оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон»
6. Фонди ҷамъиятии «Нотабене»
7. ТҶ «Солимии ҷамъият ва ҳуқуқи инсон»
8. ТҶ «Дафтари озодиҳои шаҳрвандӣ»
9. ТҶ «Ҳуқуқ ва беҳбудӣ»
10. Фонди ҷамъиятии «Ташаббуси ҳуқуқӣ»

11. ТҶ «Имкониятҳои баробар»
12. ТҶ «Маркази ҳуқуқи инсон»
13. Абдураҳмон Шарипов, адвокат
14. Аскар Турсунов, адвокат
15. Аҳлиддин Салимов, рӯзноманигор
16. Гулчеҳра Холматова, адвокат
17. Ҷаффарбек Юлдошев, ҳуқуқшинос
18. Зоир Раззоқов, коршиноси тиббӣ
19. Наргис Ҳамробоева, рӯзноманигор
20. Ранҷет Ятимов, ҳуқуқшинос
21. Фазлиддин Хоҷаев, рӯзноманигор
22. Ойниҳол Бобоназарова, коршиноси мустақил
23. Умед Ниёзов, адвокат

**3.1. Гурӯҳҳои корӣ ва мақомоти роҳбарикунанда:**

1. **Шӯрои Эътилоф –** ҳама аъзоён ва шарикони Эътилоф
2. **Ҳамоҳангсози Эътилоф –** Ташкилоти ҷамъиятии «Маркази ҳуқуқи инсон»
3. **Гурӯҳи таҳлилӣ** – Фонди ҷамъиятии «Нотабене»
4. **Гурӯҳ оид ба мониторинги ҷойҳои маҳдуд ва маҳрумият аз озодӣ –** Ташкилоти ҷамъиятии «Идораи ҳуқуқи инсон ва риояи қонуният»
5. **Гурӯҳи кӯмаку дастгирии ҳуқуқӣ –** Ташкилоти ҷамъиятии «Ҳуқуқ ва беҳбудӣ» (дар асоси Низомнома амал мекунад)
6. **Гурӯҳи офиятбахшӣ –** Фонди ҷамъиятии «Ташаббуси ҳуқуқӣ»
7. **Гурӯҳи медиавӣ (расонаӣ) –** Ташкилоти ҷамъиятии «Маркази мустақил оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон» (дар асоси Стратегия амал мекунад)
8. **Гурӯҳ оид ба таҳкими иқтидор** – Ташкилоти ҷамъиятии «Дафтари озодиҳои шаҳрвандӣ»

**1.1. Ҳамоҳангсозӣ дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ**

Дар давоми соли 2017 Эътилоф корҳоро ҷиҳати ҳамоҳангсозии дохилии фаъолият идома дод.

**Таҳия намудани ҳисоботи солонаи Эътилоф барои соли 2016.** Давоми моҳи декабри соли 2016 ва моҳи январи соли 2017 фаъолияти таҳия намудани ҳисоботи Эътилоф барои соли 2016 анҷом дода шуд. Ҳисоботи мазкур ба забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ тарҷума шуда, нашр карда шуд.

**Ҳисоботҳои семоҳа ва нимсолаи Эътилоф барои соли 2017.** Давоми соли 2017 аз рӯи натиҷаҳои фаъолияти Эътилоф се ҳисобот таҳия карда шуд: а) ҳисоботи семоҳа барои моҳҳои январ-марти соли 2017; б) ҳисоботи нимсола барои моҳҳои январ-июни соли 2017; в) ҳисоботи семоҳа барои моҳҳои июл-октябри соли 2017.

**Ҳамкорӣ бо мақомоти давлатӣ.** Эътилоф ба ҳамкорӣ бо мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар самти пешбарӣ намудани тағйиротҳои системавӣ дар соҳаи озодӣ аз шиканҷа аҳамияти зиёд зоҳир менамояд. Дар ин самт Эътилоф бо сохторҳои зерин ҳамкорӣ мекунад:

а) Раёсати кафолатҳои ҳуқуқи инсони Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба масъалаҳои марбут ба пешбарӣ намудани тавсияҳои мақомоти СММ оид ба озодӣ аз шиканҷа ва муносибати бераҳмона;

б) Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба масъалаҳои марбут ба мониторинги ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ;

в) Прокуратураи генералӣ вобаста ба масъалаҳои марбут ба таҳияти тавсияҳои методӣ оид ба тафтишоти ҷиноятҳои бо истифодаи шиканҷа ва муносибати бераҳмона алоқамандбуда;

г) Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба масъалаҳои марбут ба пешбарӣ намудани стандартҳои Протоколи Истамбул;

д) Иттифоқи адвокатҳои Тоҷикистон вобаста ба масъалаҳои марбут иқтидорӣ адвокатҳо дар самти озодӣ аз шиканҷа ва стандартҳои Протоколи Истамбул.

**Маҷмӯи қонунгузорӣ доир ба масъалаи озодӣ аз шиканҷа.** Маҷмӯа соли 2016 аз ҷониби Гурӯҳи ёрии ҳуқуқӣ таҳия карда шуда аз ҷониби Дафтари лоиҳавии САҲА дар Тоҷикистон ба миқдори 900 нусха бо забонҳои русӣ ва тоҷикӣ нашр карда шуд. Маҷмӯа ҳангоми гузарондани ҷаласаҳои иттилоотӣ барои адвокатҳо ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ байни иштирокчиён тақсим карда шуд. Соли 2017 ба маҷмӯа бинобар тағйиротҳо дар Қонунгузории ҶТ, инчунин ҳуҷҷатҳои байналхалқӣ оид ба озодӣ аз шиканҷа тағйироту иловаҳо ворид карда шуданд. Маҷмӯаи мазкур бо кӯмаку дастгирии молиявии Дафтари лоиҳавии САҲА дар Тоҷикистон бо забони тоҷикӣ ба миқдори 500 нусха ба табъ расид ва байни адвокатҳои Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон тақсим карда шуд.

**Муаррифиҳои (презентатсия) Эътилоф ва гурӯҳҳои корӣ.** Соли 2017 муаррифиҳои Эътилофи ҷомеаи шаҳрвандӣ бар зидди шиканҷа ва беҷазоӣ дар Тоҷикистон, аз ҷумла гурӯҳҳои кории Эътилоф: Гурӯҳи ёрии ҳуқуқӣ; Гурӯҳи мониторингӣ; Гурӯҳи офиятбахшӣ; Гурӯҳи медиавӣ (расонаӣ); Лоиҳаи пешбарӣ намудани Протоколи Истамбул таҳия ва ба забони тоҷикӣ тарҷума карда шуданд. Муаррифиҳои мазкур дар торнамои (сомонаи) Эътилофи зидди шиканҷа ва беҷазоӣ дар Тоҷикистон http://www.notorturetj.org/about/vsyo – o – koalicii – v – prezentaciyah дастрасанд.

**Харидории таҷҳизот.** Давоми давраи ҳисоботӣ бо кӯмаку дастгирии молиявии Amnesty International барои ташкилотҳои аъзои Эътилоф таҷҳизоти иловагӣ дар шакли аккумуляторҳои мухтор (автономӣ) ва тасбитгари шиддат (стабилизатор) харидорӣ карда шуд. Таҷҳизоти мазкур имкон медиҳад, то ки кори дурусти камераҳои назоратии ташкилотҳо сарфи назар аз номураттабии таъмини қувваи барқ кафолат дода шавад. Тасбитгарҳои (стабилизатор) иловагӣ низ бехатарии таҷҳизоти коргоҳҳоро ҳангоми рух додани камбудиҳо дар таъмини қувваи барқ таъмин хоҳанд кард. Моҳи март таҷҳизотҳои мазкур аз ҷониби мутахассисони IT санҷида шуда, насб карда шуданд.

**Харидории ноутбукҳо барои аъзоёни Эътилоф.** Аз ҷониби Гурӯҳи такмили иқтидори Эътилоф барои роҳбарони ташкилотҳои аъзои Эътилоф, роҳбарони гурӯҳҳои кории Эътилоф, адвокатҳо ва журналистон (рӯзноманигорон) – аъзоёни Эътилоф дар ҳаҷми 16 адад ноутбукҳо харидорӣ карда шуда, баъди санҷиш ва насби барномаҳои лозима барои истифода супорида шуданд.

**Ҳамоҳангсозии фаъолияти гурӯҳҳои кории Эътилоф.** Эътилоф ба масъалаи робита ва ҳамкориҳои дохилӣ аҳамияти зиёд зоҳир менамояд. Бо ин васила бо мақсади муҳокимаи масъалаҳои ҳамкорӣ байни гурӯҳҳои корӣ як силсила вохӯриҳои ҳамоҳангсозӣ гузаронида шуд, аз он ҷумла доир ба таҳияи нақшаи ягонаи амалиётҳои Эътилоф.

**Лоиҳаи Фонди Зигрид Раузинг.** Аз 1 июни соли 2017 Эътилоф аз ҷониби Фонди Зигрид Раузинг ба муҳлати се сол маблағгузорӣ гардид. Лоиҳа ҷиҳати кӯмаку дастгирӣ намудани гурӯҳҳои кории Эътилоф дар самти татбиқ кардани фаъолият дар соҳаи мубориза бар зидди шиканҷа ва беҷазоӣ дар Тоҷикистон равона гаридааст ва аз ҷониби Фонди ҷамъиятии "Нотабене" амалӣ карда мешавад. Инчунин дар доираи лоиҳа аз шумораи аъзоён ва шарикони Эътилоф Комиссия оид ба дида баромадани дархостҳо таъсис дода шуд.

**Тренинг оид ба беҳбудии аъзоёни Эътилоф 12-14 январи соли 2017, Бишкек.** Тренинг оид ба таҳкими иқтидори техникӣ ва беҳбудӣ 12-14 январи соли 2017 аз ҷониби коршиносони Civil Rights Defenders гузаронида шуд, ки дар он 16 нафар намояндагони Эътилоф иштирок карданд. Дар рафти тренинг ба иштироккунандагон восита ва усулҳои паст кардани стресс, усулҳои риоя кардани бехатарӣ дар ҷараёни кор, таъмини бехатарӣ ҳангоми суҳбат кардан бо муроҷиаткунандагон, пешниҳод намудани маълумоту иттилооти сифатнок ба журналистон, инчунин доир ба дигар масъалаҳои марбут ба беҳбудии (амнияти) ҳомиёни ҳуқуқ омӯзонида шуд.

3 августи соли 2017 барои намояндагони ташкилотҳои аъзои Эътилоф **Тренинги «Коргузорӣ, қонунгузорӣ дар соҳаи меҳнат ва андозбандӣ»** гузаронида шуд. Дар тренинг 17 нафар – намояндагони 9 ташкилот иштирок карданд.

**Тренинг барои намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ доир ба масъалаҳои марбут ба фаъолияти ташкилотҳои ҷамъиятӣ.** Эътилоф ба масъалаи озодии иттиҳодияҳо ва фаъолияти ташкилотҳои ҷамъиятӣ аҳамияти бузург зоҳир менамояд. Соли 2017 дар шаҳрҳои Хуҷанд, Панҷакент, Қурғонтеппа ва Душанбе барои 82 нафар аз 56 ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ чор тренинг доир ба масъалаҳои марбут ба андозбандии ТҒҲ, қонунгузорӣ дар соҳаи меҳнат, қонунгузорӣ дар бораи ташкилотҳои ҷамъиятӣ, коргузорӣ, пешниҳоди ҳисоботҳо ва санҷиши фаъолияти ташкилотҳо гузаронида шуд.

**Маслиҳату машваратҳои ТҒҲ.** Ташкилотҳо – аъзоёни Эътилоф ба ташкилот ва фондҳои ҷамъиятӣ доир ба масъалаҳои марбут ба коргузории дохилӣ, тартиб додани ҳуҷҷатҳои дохилӣ, барои ба қайд гузоштани ТҒҲ ва ҳангоми анҷом додани санҷишҳо кӯмаку дастгирии ҳуқуқӣ пешниҳод менамоянд. Дар соли 2017 ба 62 ташкилоти ҷомеаи шаҳрвандӣ 130 машварату маслиҳат пешниҳод карда шуд.

**Тренингҳо доир ба масъалаҳои марбут хасташавии касбии мутахассисоне, ки бо ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа сару кор мекунанд.** 21-25 август барои аъзоёни Эътилоф дар шаҳри Душанбе, ВМКБ ва вилояти Хатлон, 27-31 августи соли 2017 барои аъзоёни Эътилоф дар шаҳри Душанбе ва вилояти Суғд бо кӯмаку дастгирии молиявии Дафтари лоиҳавии САҲА дар Тоҷикистон доир ба масъалаҳои марбут ба хасташавии касбии мутахассисоне, ки бо ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа сару кор мекунанд тренингҳо гузаронида шуданд. Мақсад аз баргузор намудани тренингҳои мазкур аз ташаккул додани маҳорату малакаи нигоҳдории солимии равонии (психологӣ) ҳомиёни ҳуқуқ, ки бо ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа сару кор мекунанд, иборат буд. Дар рафти тренингҳо ба иштироккунандагон усулҳои фаъол гардондани захираҳои шахсӣ ва ташаккули малакаи нигоҳдории солимии равонӣ, худдорӣ кардан аз расондани зарарӣ такрорӣ ба ҷабрдидагон ва худи онҳо омӯзонида шуданд.

## 2. ФАЪОЛИЯТИ ЭЪТИЛОФ ДАР СОЛИ 2017

### 3.2. ФАЪОЛИЯТИ ГУРӮҲИ КОРӢ ВОБАСТА БА МОНИТОРИНГИ ҶОЙҲОИ МАҲДУД ВА МАҲРУМИЯТ АЗ ОЗОДӢ

Гурӯҳи корӣ вобаста ба мониторинги ҷойҳои маҳдуд ва маҳрумият аз озодӣ дар доираи афзалиятҳои стратегии Эътилоф таъсис дода шуда назди худ мақсад мегузорад: а) пешбарӣ намудани ба тасвиб расондани Протоколи иловагӣ ба Конвенсияи зидди шиканҷа ва таъсис додани механизми миллии пешгирикунанда, б) таъсис додани механизми мониторинги мустақили ҷамъиятии ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ.

Ҳамоҳангсози гурӯҳи корӣ Идораи ҳуқуқи инсон ва риояи қонуният (ҳамоҳангсоз – Таҳмина Ҷураева) мебошад.

Гурӯҳ аъзои Гурӯҳи корӣ оид ба пешбарӣ намудани ба тасвиб расондани Протоколи иловагӣ ба Конвенсияи зидди шиканҷа мебошад, ҳамоҳангсози механизми мониторингии назди Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар ҶТ[1] (минбаъд Гурӯҳи корӣ) ва кори Гурӯҳи мониторингии вобаста ба боздиди ҷойҳои маҳдудият ва маҳрумият аз озодиро (минбаъд Гурӯҳӣ мониторингӣ) ҳамоҳангсозӣ менамояд.

Соли 2017 фаъолияти гурӯҳ дар доираи лоиҳаи «Амал баҳри озодӣ аз шиканҷа дар Тоҷикистон», ки аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо дастгирӣ карда шуд, амалӣ гардид. Самтҳои

[1] Гурӯҳи корӣ оид ба пешбарӣ намудани ба тасвиб расондани ПИ ба КЗШ, ҳамоҳангсозӣ ва мусоидаткунонии механизми мониторингӣ 6 августи соли 2013 бо Супориши ВҲИ таъсис дода шуд. Гурӯҳи корӣ аз 12 намояндаи мақомоти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ иборат мебошад: Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар ҶТ, Прокуратураи генералии ҶТ, СРИҶҶ ҶТ, Суди олии ҶТ, Парламенти ҶТ, Дастгоҳи иҷроияи Президенти ҶТ, профессор Шарипов Т. ФҶ «Нотабене», ТҶ «Идораи ҳуқуқи инсон ва риояи қонуният», ТҶ «Маркази ҳуқуқи инсон», ТҶ «Авесто».

алоҳидаи фаъолияти гурӯҳи мониторингӣ бевосита аз ҷониби Дафтари лоиҳавии САҲА дар шаҳри Душанбе маблағгузорӣ карда шуданд.

Моҳи декабри соли 2016 муҳлати эътибори ваколатҳои гурӯҳи мониторингӣ ба охир расид.[2] Соли 2017 ҳайати нави гурӯҳ тасдиқ карда шуд, ки ба он ҳам аъзоёни пештараи гурӯҳ ва ҳам намояндагони нави ташкилотҳои аъзои Эътилоф дохил карда шуданд.

Соли 2017 Penal Reform International ба гурӯҳи мониторингӣ барои анҷом додани мониторинг дар ҷойҳои маҳрумият ва маҳдудият аз озодӣ ҳамчун тӯҳфа 5 бастаи дастгоҳҳоро тақдим намуд, ки ба онҳо дастгоҳҳо барои санҷидани намнокӣ ва ҳарорати бино, ченкунии масоҳати утоқҳо/камераҳо ва дастгоҳи суратгирӣ дохил мешаванд.

**<u>Банақшагирии стратегии фаъолияти гурӯҳи мониторингии ҷойҳои маҳрумият ва маҳдудият аз озодӣ.</u>** 27-28 ноябри соли 2017 бо кӯмаку дастгирии коршиносони Фонди Хелсенки оид ба ҳуқуқи инсон банақшагирии стратегии фаъолияти гурӯҳи мониторигӣ барои солҳои 2018-2020 анҷом дода шуд, ки дар доираи он гурӯҳи мониторингӣ афзалиятҳои худро муайян кард. Моҳи январи соли 2018 гурӯҳ корҳоро вобаста ба нақшаи стратегии фаъолияти худ идома хоҳад дод.

### 2.1.1. Ҷаласаи кории Гурӯҳи корӣ оид ба пешбари намудани тасвиби ПИ ба КЗШ



*<u>Ҷаласаи якуми Гурӯҳи корӣ оид ба пешбари намудани тасвиби ПИ ба КЗШ, 12 майи соли 2017.</u>* Дар вохӯрӣ аъзоёни Гурӯҳи корӣ ва гурӯҳи мониторингӣ ширкат варзиданд ва дар рафти ҷаласаи мазкур масъалаҳои зерин муҳокима гардиданд:
- муаррифии натиҷаҳои пешакии мониторингҳо барои моҳҳои март-апрели соли 2017;
- натиҷаҳои пешакии таҳлили қонунгузорӣ ҷиҳати муайян кардани мутобиқатии ПИ ба КЗШ ва муҳокимаи модели нисбатан дурусти НПМ барои Тоҷикистон;
- таҷдиди назар намудани воситаҳои анҷом додани боздиди муассисаҳои психиатрӣ;

*<u>Ҷаласаи дуюми Гурӯҳи корӣ оид ба пешбари намудани тасвиби ПИ ба КЗШ, 13 октябри соли 2017</u>*
Дар вохӯрӣ аъзоёни Гурӯҳи корӣ ва гурӯҳи мониторингӣ ширкат варзиданд ва дар рафти ҷаласаи мазкур масъалаҳои зерин муҳокима гардиданд:
- Натиҷаҳои сафари корӣ ба Ҷумҳурии Славения бо мақсади омӯхтани таҷрибаву амалияи таъсис додан ва кори НПМ: ҷанбаҳо ва таҷрибаи мусбии қобили қабул;
- Муаррифии натиҷаҳои пешакии мониторинги муассисаҳо барои моҳҳои май-сентябри соли 2017.



[2] Тибқи муқаррарот оид ба гурӯҳи мониторинги ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ аз 31 декабри соли 2013, муҳлати ҳадди аксари фаъолияти аъзои гурӯҳ се солро ташкил медиҳад.

### 2.1.2. Боздиди ҷойҳои маҳдуд ва маҳрумият аз озодӣ[3].

Аз соли 2015 ин ҷониб тамоми боздидҳо ба ҷойҳои маҳдуд ва маҳрумият аз озодӣ бидуни огоҳонии пешакӣ анҷом дода мешаванд. Имконияти гузарондани мусоҳибаҳои махфӣ бо шахсоне, ки дар муассисаҳои пӯшида нигоҳ дошта мешаванд, фароҳам аст. Дар ин муддат аз ҷониби аъзоёни гурӯҳи мониторингӣ мушоҳида гардид, ки сатҳи бовариву эътимоди шахсоне, ки дар ҷойҳои маҳдуд ва маҳрумият аз озодӣ нигоҳ дошта мешаванд ва инчунин маъмурияти ин муассисаҳо нисбат ба кори гурӯҳ зиёд шуда истодааст. Тибқи натиҷаҳои боздидҳо ба мушоҳида мерасад, ки шароити санитариву гигиенӣ дар ҷойҳои маҳдуд ва маҳрумият аз озодӣ ва муносибати ҳайати кормандони ин муассисаҳо нисбати шахсоне, ки дар муассисаҳои мазкур нигоҳ дошта мешаванд, хубтар шуда истодааст.

Бо вуҷуди ин аъзоёни гурӯҳи мониторингӣ на дар ҳама муассисаҳо ба ҳуҷҷатҳои дохилӣ дастрасӣ доранд, кам будани шумораи кормандони ниҳоди ВҲИ дар ҳайати гурӯҳи мониторингӣ ҷиҳати пурратар фаро гирифтани муассисаҳо барои анҷом додани боздидҳо мушкилӣ ба вуҷуд меорад, гурӯҳ барои анҷом додани санҷиши арзу шикоятҳои пешниҳодшуда ҳанӯз ҳам ба муассисаҳои пӯшида дастрасӣ надорад, барои анҷом додани боздид фарогирии муассисаҳо маҳдуд аст, аз ҷумла барои анҷом додани боздиди тавқифгоҳи нигоҳдории муваққатии КДАМ, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия ва Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон имконият нест.

Соли 2017 гурӯҳ 10 муассисаро боздид намуд[4]:

- Маркази психиатрии ноҳиявӣ дар ш. Кулоб – 14-15 марти соли 2017.
- Колония дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров – 17-18 апрели соли 2017.
- Муассисаи психиатрии вилояти Сугд, Хуҷанд – 19-20 апрели соли 2017.
- Муассисаи (колонияи) илоҳии занона дар шаҳри Норак – 27-28 апрели соли 2017.
- Маркази ҷумҳуриявии психоневрологӣ дар шаҳри Турсунзода 2-3 майи соли 2017.
- ТНМ-и ноҳияи ванҷи ВМКБ, 25-26 июли соли 2017.
- «Беморхонаи маркази солимии равонии ВМКБ» дар ноҳияи Рошқалаи ВМКБ, 27-28 июли соли 2017.
- ТНМ-и ноҳияи Рӯдакӣ, 22-23 августи соли 2017.
- ТНМ-и ноҳияи Темурмалики вилояти Хатлон, 7-8 ноябри соли 2017.
- Тавқифгоҳи тафтишотии шаҳри Қурғонтеппа, 9-10 ноябри соли 2017.

### 2.1.3. Сафари омӯзишӣ (шиносоӣ) ба Словения

Аз 28 август то 1 сентябри соли 2018 аъзоёни Гурӯҳи кории назди Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар ҶТ доир ба пешбарӣ намудани тасвиби ПИ ба КЗШ ва гурӯҳи мониторингии Эътилофи ҷомеаи шаҳрвандии Тоҷикистон бар зидди шиканҷа ва беҷазоӣ ба Ҷумҳурии Словения барои омӯхтани таҷриба дар самти таъсис ва амали намудани Механизми миллии пешгирикунанда (ММП) сафар карданд.




Муддати панҷ рӯз ҳайати Тоҷикистон (таҳти роҳбарии Ваколатдор Зариф Ализода), ки аз намояндагони Дастгоҳи иҷроияи Президенти ҶТ, Парламент, Прокуратураи генералӣ, Суди олӣ, Вазорати адлия, намояндагони академияҳо ва ташкилотҳои ҷамиятӣ иборат буд таҷрибаи таъсис ва амалӣ намудани ММП-ро дар Словения омӯхтанд. Хусусан, ҳайати Тоҷикистон бо сохтор, ваколат ва заминаи қонунии Институти ҳимоятгари халқии Словения (Ваколатдор), тартиби таъсис ва амалӣ намудани ММП-и назди Ваколатдор, усулҳои ҳамкории Ваколатдор ва ММП бо Вазорати адлия, Вазорати корҳои хориҷа, ВКД, ҷомеаи

[3] Ҳисоботи умумӣ аз рӯи натиҷаҳои мониторинг барои солҳои 2016-2017 моҳи марти соли 2018 дастрас хоҳад гардид.

[4] Маълумоти мухтасар оид ба боздидҳо дар сомонаи зерин дастрас аст: http://notorturetj.org/articles/12

шаҳрвандӣ ва дигар идораҳои дахлдор шинос шуданд. Инчунин ҳайати Тоҷикистон аз ҳабсхонаҳо, ТНМ, ТТ ва муассисаҳои психиатрии Ҷумҳурии Словения дидан карданд. Ҳайати Тоҷикистон ба сафари омӯзишӣ (шиносоӣ) ба Ҷумҳурии Словения баҳои баланд доданд ва доир ба натиҷаи сафари мазкур аъзои Гурӯҳи корӣ, профессор Тақдиршо Шарипов бо пешниҳоду тавсияҳо ба парламенти кишвар доир ба таҷрибаи мусбӣ ва самте, ки Тоҷикистон метавонад аз кишвари Словения қабул кунад маърӯза омода намуд.

### 2.1.4. Ҷаласаҳои иттилоотӣ доир ба масъалаҳои марбут ба ПИ ба КЗШ



Аз 15 то 27 сентябр (ш. Хуҷанд – 15 сентябри соли 2017; ноҳияи Рашт – 22 сентябри соли 2017; ш. Қурғонтеппа – 26 сентябри соли 2017; ш. Кулоб – 27 сентябри соли 2017) барои намояндагони мақомоти давлатӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ВАО бо мақсади иттилоотонӣ доир ба стандартҳои ПИ ба КЗШ, аз он ҷумла амалияи ҶТ вобаста ба пешбарӣ намудани тасвиби ПИ ба КЗШ ҷаласаҳои иттилоотӣ гузаронида шуданд. Дар ҷаласаҳои иттилоотии мазкур зиёда аз 300 нафар иштирок карданд.

Ҷаласаҳои иттилоотӣ бо ҷаласаҳои иттилоотии марбут ба ТДУ ва Нақшаи дуюми миллӣ оид ба татбиқи тавсияҳои ТДУ якҷоя карда шуданд ва аз ҷониби Идораи ҳуқуқи инсон ва риояи қонуният дар ҳамкорӣ бо Раёсати кафолатҳои ҳуқуқи инсони Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор карда шуданд.

Дар ҷаласаҳои иттилоотӣ бо маърӯза Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон Ализода З., роҳбари Раёсати кафолатҳои ҳуқуқи инсони Дастгоҳи иҷроияи Президенти ҶТ Сатторзода А., роҳбари идораи назорати риояи қонунҳо дар ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ Нурализода Ш, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон Шарипов Т. ва намояндаи Эътилофи ҷомеаи шаҳрвандии зидди шиканҷа ва беҷазоӣ, ҳуқуқшиноси ташкилоти ҷамъиятии “Ҳуқуқ ва беҳбудӣ” Юлдошев Ҷ. баромад карданд.

### 2.1.5. Маълумот аз ҷойҳои маҳдудият ва маҳрумият аз озодӣ

Намояндагони Эътилофи ҷомеаи шаҳрвандии зидди шиканҷа ва беҷазоӣ ва дар маҷмӯъ ниҳоди ҷомеаи шаҳрвандӣ ба ҷойҳои маҳдуд ва маҳрумият аз озодӣ ҷиҳати анҷом додани санҷиши мурочиатҳо вобаста ба поймол шудани ҳуқуқҳои инсон дар ин муассисаҳо дастрасӣ надорад. Айни замон, ҳангоми пешниҳод шудани маълумот, роҳбари гурӯҳи мониторингӣ ба унвони Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар ҶТ ва намояндаи Прокуратураи генералӣ – аъзои Гурӯҳи корӣ оид ба пешбарӣ намудани тасвиби ПИ ба КЗШ мактуб ирсол мекунад.

Соли 2017 аз ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ се мурочиат пешниҳод гардид:

- 30 июн ба Гурӯҳи ёрии ҳуқуқии Эътилоф шаҳрванд Х.Б. мурочиат карда хабард дод, ки бародари ӯ аз ҷониби кормандони муассисаи ЯС 3/2 шаҳри Ваҳдат мавриди латукӯб қарор гирифтааст ва дар ҳолати вазнин қарор дорад. Тибқи суханини шаҳрванд Х.Б. дасти рости бародараш шикастааст ва лабаш даридааст, ӯ аз бистар хеста наметавонист ва духтуронро бошад ба наздаш даромадан намемонданд. Аз рӯи маълумоти мазкур ба унвони Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар ҶТ бо дархости гузарондани боздиди муштарак ҷиҳати анҷом додани санҷиши маълумот мактуб омода карда шуд, вале он рад гардид. Намояндаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон шахсан ба муассисаи мазкур ташриф оварда бо маҳбус Х.А. суҳбат кард, маҳбусро ҳам расм ва ҳам ба навор гирифт. Ҳангоми вохӯрӣ маҳбус ба ӯ хабар дод, ки нисбати ӯ муносибати бераҳмона истифода нашудааст. Хоҳари маҳбус баъд аз нишон додани расм ва навори видеоии бародараш аз натиҷаи боздид ва гирифтани маълумот оид ба вазъи саломатии бародари худ қаноатманд гардид.

- Моҳи августи соли 2017 ба Идораи ҳуқуқи инсон ва риояи қонуният шаҳрванди Ҷумҳурии Афғонистон, ки мақоми гуреза дошту аз соли 2008 дар Тоҷикистон истиқомат мекард, муроҷиат намуд. Ҳангоми муроҷиат ӯ хабар дод, ки айни замон писари ӯ дар муассисаи ислоҳии №1 Вазорати адлияи ҶТ адои ҷазо менамояд ва аз дарди сар ва дарди миён шикоят мекунад, ба ёрии тиббӣ ниёз дорад ва хоҳиш намуд, ки ба писари ӯ ёрии зарурӣ расонида шавад. Намояндаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ба муассисаи мазкур ташриф оварда бо маҳбус вохӯрд. Бо ӯ суҳбат гузаронд, дар расонидани ёрии зарурии тиббӣ (маҳбус аз бемории саръ (эпилепсия) азият мекашад) ва таъмини доруворӣ ба ӯ мусоидат намуд. Модари маҳбус аз кӯмаку ёрии расонидашуда қаноатманд аст.
- Моҳи сентябри соли 2017 ба унвони Эътилоф аз номи бародар ва хоҳари маҳбусе, ки дар ТТ ЯТ 9/1 СРИҶҶ Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон адои ҷазо менамояд маълумот пешниҳод гардид. Дар он гуфта мешавад, ки нисбати бародари онҳо шиканҷа ва муносибати бераҳмона истифода мегардад, хусусан пагоҳирӯзиҳо ӯро ба қисмати сараш мезананд. Дар муроҷиати худ хешовандони маҳбус дархост карданд, ки ҷиҳати ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои бародарашон ва боздид намудан ба ин муассиса мусоидат карда шавад. Аз рӯи муроҷиати мазкур аъзоёни гурӯҳи мониторингӣ ва роҳбари Эътилоф бо Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон як чанд вохӯриҳо гузаронданд ва дархост карданд, ки ҷиҳати санҷидани ҳолатҳои дар муроҷиат зикргардида, боздиди муштараки муассисаи мазкур анҷом дода шавад ва дар сурати зарурат ба расондани ёрии тиббӣ ба маҳбус мусоидат карда шавад. Ваколатдор пешниҳоди мазкурро ҷонибдорӣ намуд ва гурӯҳ ба анҷом додани боздиди муасисаи мазкур омодагӣ медид. Вале аз сабаби он, ки шахси маҳкумшуда бинобар вайрон кардани тартиби муассисаи ислоҳӣ дар ҳуҷраи ҷазо (ШИЗО) қарор дошт, дастрасӣ ба ӯ маҳдуд карда шуда буд. Дар натиҷа намояндаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ба муассисаи мазкур ташриф овард ва бо маҳбус вохӯрд. Аз маҳбус ба таври хаттӣ баёнот гирифта шуд, ки дар он ӯ зикр менамояд, ки нисбати ӯ шиканҷа ва муносибати бераҳмона истифода нашудааст ва ӯ дар бораи муроҷиати хешовандонаш хабардор нест ва ӯ бо шикоят муроҷиат накардааст. Ба маҳбус ҳамчунин дар гирифтани либоси гарм ва савғотӣ аз хешовандонаш мусоидат карда шуд. Хешовандони маҳбус аз натиҷаи корҳои анҷомдодашуда қаноатманданд.

## 2.2. ҶОРӢ НАМУДАНИ СИСТЕМАИ ОФИЯТБАХШИИ ҶАБРДИДАГОНИ ҲОЛАТҲОИ ШИКАНҶА ВА МУНОСИБАТИ БЕРАҲМОНА

Мақсади гурӯҳи офиятбахшии ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа ва/ё аъзоёни оилаҳои онҳо (минбаъд дар матн ГО) аз ҳадди имкон пешниҳод намудани кӯмаку дастгирӣ ба ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа/аъзоёни оилаҳои онҳо дар барқарор кардани мустақилият ва қобилияти ҷисмонӣ, рӯҳӣ, иҷтимоӣ ва касбӣ, аз ҷумла ҳамгироии пурраи иҷтимоии онҳо ва иштирок дар ҳаёти ҷомеа иборат мебошад.

Вазифаҳои асосии ГО иборатанд аз:

a. Мусоидат кардан дар анҷом додани муоинаи тиббӣ ва расонидани ёрии таъҷилӣ;
b. таҳияи барномаҳои инфиродӣ ҷиҳати анҷом додани офиятбахшии тиббӣ ва равонӣ-иҷтимоии сатҳи касбӣ;
c. мусоидат кардан дар расонидани ёрии тиббии амбулаторӣ ва статсионарӣ ва анҷом додани табобати шахсони мавриди шиканҷа қароргирифта ва/ё аъзоёни оилаҳои онҳо;
d. таҳияи қоида ва шартҳои ҳамкорӣ бо мутахасисоне, ки хизматрасонии офиятбахшии ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа ва/ё аъзоёни оилаҳои онҳоро таъмин менамоянд;
e. ҳамоҳангсозии корҳои вобаста ба пешбарӣ намудани таъсиси механизмҳои самараноки офиятбахшии ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа ва/ё аъзоёни оилаҳои онҳо бо мақомоти ҳокимияти давлатӣ, муассиса ва марказҳои тиббии равонӣ (псилологӣ).

Соли 2017 фаъолияти гурӯҳ дар доираи лоиҳаи «Амал баҳри озодӣ аз шиканҷа дар Тоҷикистон», ки аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо маблағгузорӣ гардид, лоиҳаи «Дастгирии Эътилофи ҷомеаи шаҳрвандии зидди шиканҷа ва муносибати бераҳмона» бо кӯмаку дастгирии Фонди Зигрид Раузинг ва лоиҳаи «Офиятбахшии ҷабрдидагони ҳолатҳои

шиканҷа» бо кӯмаку дастгирии Фонди Ихтиёрии СММ оид ба дастгирии ҷабрдидагони шиканҷа амалӣ карда шуд.

Аз ҷониби Гурӯҳ ***китобчаи иттилоотӣ*** таҳия карда шуд, ки маълумоту иттилооти марбут ба фаъолият, мақсаду ҳадаф ва вазифаҳои гурӯҳро фаро мегирад, аз ҷумла дар он маълумотҳо барои тамос дарҷ шудаанд. Китобчаи мазкур ба забонҳои русӣ ва тоҷикӣ нашр гардидааст.

Тули ду соли охири фаъолият аз ҷониби гурӯҳи офиятбахшии ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа ва/ё аъзоёни оилаҳои онҳо бо марказҳои тиббии мухталиф ҳамкориҳо ба роҳ монада шуда шартномаҳо ба имзо расонида шуданд. Бо кормандони иҷтимоии ноҳияҳо ҳамкорӣ ва механизми эътино ба пешниҳод намудани кӯмаку дастгирӣ ба ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа ва/ё аъзоёни оилаҳои онҳо ба миён гузошта шуд. Инчунин бо ташкилоти ҷамъиятии «Ҷамъияти психологҳо-мушовирон ва психотерапевтҳои Тоҷикистон» Тафоҳум оид ба ҳамкорӣ ба имзо расонида шуд.

Бо вуҷуди ин зарурати омодагии касбии мутахассисон ба монанди кормандони иҷтимоӣ ва психологҳо вуҷуд дорад. Дар хадамоти иҷтимоие, ки назди Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ амал мекунад айни замон 4 ҳазор кормандони иҷтимоӣ фаъолият мекунанд. Аммо онҳо ба кор бо ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа ва муносибати бераҳмона ва/ё аъзоёни оилаҳои онҳо ҷалб намегарданд.

Инчунин мушкиоти нарасидани психологҳои касбӣ ба назар мерасад, хусусан дар минтақаҳои кишвар. Мутаассифона мактабҳои олии Тоҷикистон психологҳои клиникиро омода намекунанд ва барои кори онҳо китобҳои дарсии дахлдор таҳия нашудаанд.

**Тренинг барои равоншиносон (психологҳо).** Аз 27 то 29 ноябри соли 2017 бист нафар равоншиносон дар тренинги такмил додани малакаи арзёбии психологӣ, анҷом додани ташхис ва офиятбахшии ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа ва/ё аъзоёни оилаҳои онҳо иштирок карданд. Тренинги мазкур дар якҷоягӣ бо ташкилоти ҷамъиятии «Ҷамъияти психологҳо-мушовирон ва психотерапевтҳои Тоҷикистон» гузаронида шуд. Ин тренинг марҳилаи дуюми тренинг мебошад, ки равоншиносони Тоҷикистон мегузаранд. Тренинги якум (соли 2016 гузаронида шуд) масъалаҳои марбут ба арзёбии психологӣ ва анҷом додани экспертизаро фаро гирифт. Соли оянда гузарондани тренинг доир ба малакаи амалии кор бо ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа ва зери назорат гирифтани ҳолат ба нақша гирифта шудааст.

**Пешбарӣ дар сатҳи давлатӣ.** Айни замон гурӯҳ дар ҳамкорӣ бо намояндагони Гурӯҳи кории назди Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ оид ба ҷорӣ намудани стандартҳои Протоколи Истамбул имконияти ба нақшаи корӣ ворид намудани таъсиси системаи давлатии офиятбахшии ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷаро муҳокима мекунад. Пешниҳод карда шуд, ки соли 2018 Консепсияи офиятбахшии ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа ва гузаронидани мониторинги сатҳи давлатӣ бо ҷалби коршиносони байналмилалӣ (таҳияи модели давлатӣ) таҳия карда шавад.

**Ҷаласаи ҳамоҳангсозӣ бо кормандони иҷтимоӣ.** Вохӯрӣ моҳи марти соли 2017 баргузор гардида ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи огоҳии кормандони иҷтимоӣ дар соҳаи хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва кӯмаку дастгирии иҷтимоии ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа ва/ё аъзоёни оилаҳои онҳо, мубодилаи таҷриба ва муҳокимаи корҳои ҷорӣ равона гаридида буд.

### 2.2.1. Кӯмаку дастгирӣ дар офиятбахшии ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа ва аъзоёни оилаҳои онҳо

Дар давраи ҳисоботӣ барои барои кӯмаку дастгирии ҳуқуқӣ 46 нафар мурочиат кард, ки аз ин шумора 24 нафарро мардон ва 22 нафарро занон ташкил доданд. Аз шумораи умумии ҷабрдидагон 21 нафар – шахсоне, ки бевосита мавриди шиканҷа ва муносибати бераҳмона қарор гирифтанд, боқимонда 25 нафар – аъзоёни оилаҳои ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа

ва/ё муносибати бераҳмона мебошанд. Нуҳ нафар ҷабрдида ноболиғ мебошанд. Як нафар аз гирифтани кӯмаку дастгирии офиятбахшӣ даст кашид. Як нафар ҷабрдида аз сабаби он, ки ӯро дар толори суд таҳти ҳабс гирифтанд натавонист аз кӯмаку дастригии офиятбахшӣ истифода намояд.

Нисбати 19 нафар аз 21 шахсони бевосита аз шиканҷа ҷабрдида шиканҷаи ҷисмонӣ истифода шудааст: латукӯб бо бастани дасту пойҳо, гузоштани қувваи барқ зери нохунҳои дастон ва қисмати қадкашаки бадан, задани зарба ба қисмати сар, об пошидан, задани зарба ба қисмати гурда, шикам ва рӯй, латукӯб кардан тариқи гузоштани китоб ба қисмати сар (фарқи сар) ва шикам, ҷабрдидаи ҷинси зан мавриди латукӯб ба қисматҳои мухталифи бадан қарор дода шуд, инчунин ӯро аз мӯи сараш дошта рӯи фарш кашиданд, ки дар натиҷаи чунин амалҳо майнааш зарб хӯрд. Ду ҷабрдида (мард) мавриди фишорӣ равонӣ (психологӣ) ба монанди таҳдидҳо, таҳқири шифоҳӣ, суханони қабеҳ қарор гирифтанд.

Инчунин кӯмаку дастгирии тиббӣ, иҷтимоӣ ва психологӣ расонида шуд. Ба 42 нафар: а) ташхису муоинаи тиббӣ, айни замон ба онҳо кӯмаку ёрии тиббӣ расонида мешавад: (20 – табобати амбулаторӣ ва 16 – статсионарӣ); б) кӯмаку дастгирии психологӣ; в) кӯмаку дастгирии иҷтимоӣ.

### 2.2.2. Сафари омӯзишӣ ба марказҳои офиятбахшии Гурҷистон ва Арманистон

Аз 18 то 22 сентябри соли 2017 аъзоёни Эътилоф бо сафари омӯзишӣ аз марказҳои офиятбахшии ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа ва муносбати бераҳмонаи кишварҳои Гурҷистон ва Арманистон боздид карданд. Аъзоёни Эътилоф бо тартиб ва ташкили гурӯҳҳори марказҳои офиятбахшӣ, сохтор, санадҳои меъёрие, ки фаъолияти онҳоро ба танзим медарорад, воситаҳои марказҳо, ки барои кор бурдан бо ҷабрдидагони шиканҷа ё аъзоёни оилаҳои онҳо зарур аст, хизматрасониҳое, ки дар ин марказҳо расонида мешаванд, шинос шуданд. Инчунин аъзоёни Эътилоф имкон доштанд, то ки бо ҳар як мутахассис вобаста ба соҳаи фаъолияти худ дар алоҳидагӣ суҳбат кунанд.

Минбаъд низ гурӯҳ бо марказҳо ҳамкориро идома хоҳад дод ва дар назар дорад, ки мутахассисонро барои таҳияи стратегияи ГЁ барои солҳои 2018-2020 ва Дастурамал барои равоншиносон вобаста ба кор бо ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа ва/ё аъзоёни оилаҳои ҷалб намояд.

## 2.3. КӮМАКУ ДАСТГИРИИ ҲУҚУҚӢ

Фаъолияти Гурӯҳи ёрии ҳуқуқии Эътилоф (минбаъд дар матн ГЁҲ) ҷиҳати пешбарӣ намудани таъсиси системаи самараноки эътино ба арзу шикоятҳо дар бораи шиканҷа ва муносибати бераҳмона ва механизми мустақили тафтишоти ҳолатҳои шиканҷа дар Тоҷикистон, аз ҷумла ҷиҳати ҳамоҳангсозии фаъолияти расонидани ёрии ҳуқуқии воқеӣ ба ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа ва хешовандони онҳо равона гардидааст.

Вазифаҳои асосии ГЁҲ аз инҳо иборатанд:

- муайян кардани миқёси паҳншавии шиканҷа ва муносибати бераҳмона;
- муайян кардани расмиёт ва механизмҳои ҳуҷҷатгузории ҳолатҳои шиканҷа ва муносибати бераҳмона, пешниҳод шудани ёрии ҳуқуқӣ ба ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа ва/ё хешовандони онҳо, бурдани мурофиаҳои судии стратегӣ;
- таҳияи қоида ва шартҳои ҳамкорӣ бо адвокатон вобаста ба расонидани ёрии ҳуқуқӣ ба ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа ва/ё хешовандони онҳо;
- ҳамоҳангсозии фаъолияти ташкилотҳои аъзои Эътилоф вобаста ба расонидани ёрии ҳуқуқӣ ба ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа ва/ё хешовандони онҳо;
- пешбарӣ намудани таъсиси механизмҳои самараноки эътино ва тафтишоти ҳолатҳои шиканҷа.

Ба ҳайати Гурӯҳи ёрии ҳуқуқӣ ташкилотҳои аъзо ва шарикони Эътилоф шомиланд, ки фаъолияташон аз пешниҳод намудани ёрии ҳуқуқӣ иборат мебошад. Аъзоёни ГЁҲ ба ҳамдигар дар баланд бардоштани иқтидор вобаста ба масъалаҳои ҳуҷҷатгузории ҳолатҳои шиканҷа, стратегия ва усулҳои ҳимояи ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа, расонидани ёрии

ҳуқуқӣ ба гурӯҳҳои алоҳидаи осебпазир, инчунин дар мубодилаи таҷрибаи муваффақ кӯмак мерасонанд.

Котиботи ГЁҲ аз Ҳамоҳангсоз, се мутахассис оид ба ҳуҷҷатгузории ҳолатҳои шиканҷа дар шаҳри Душанбе ва НТҶ, вилояти Суғд, вилояти Хатлон (бо фарогирии парвандаҳои вилояти ВМКБ) ва машваратчии ГЁҲ иборат мебошад.

Соли 2017 фаъолияти ГЁҲ дар доираи лоиҳаҳои «Амал баҳри озодӣ аз шиканҷа дар Тоҷикистон», ки аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо дастгирӣ гардид, лоиҳаи «Дастгирии Эътилофи ҷомеаи шаҳрвандии зидди шиканҷа ва беҷазоӣ дар Тоҷикистон», ки аз ҷониби Дафтари барномавии САҲА дар шаҳри Душанбе ва лоиҳаи «Дастгирии Эътилофи ҷомеаи шаҳрвандии зидди шиканҷа», ки аз ҷониби Фонди Зигрид Раузинг Траст дастгирӣ гардид, амалӣ карда шуд.

Маблағгузории муштараки тренингҳое, ки аз ҷониби ГЁҲ барои адвокатҳои Тоҷикистон гузаронида шуданд дар доираи лоиҳаи ФҶ «Нотабене» «Фаъолият баҳри озодӣ аз шиканҷа дар Тоҷикистон», ки аз ҷониби Институти «Ҷамъияти Кушода» ва Фонди Хелсенки оид ба ҳуқуқи инсон дастгирӣ гардид, амалӣ карда шуд.

**Вохӯрии Гурӯҳи ёрии ҳуқуқии Эътилоф, 12 июни соли 2017.** Дар вохӯрӣ масъалаҳои мартубт ба ҷараёни таҷдиди (реструктуризатсия) ГЁҲ, нақшаи кори ГЁҲ барои соли 2017, тақвияти ҷузъи таҳлилии гурӯҳ, аз он ҷумла механизмҳои ҳамкорӣ бо мақомоти давлатӣ мавриди муҳокима қарор дода шуд.

**Мастер-класс барои адвокатҳои вилояти Хатлон вобаста ба масъалаҳои озодӣ аз шиканҷа ва муносибати бераҳмона, 24 майи соли 2017.** Дар вохӯрӣ 19 нафар иштирок карданд: адвокатҳо аз вилояти Хатлон (ноҳияҳои Темурмалик, Дустӣ, Восеъ, Шаартуз, Фархор, шаҳри Ёвон ва Қурғонтеппа), муовини раиси Иттифоқи минтақавии адвокатҳо дар вилояти Хатлон, аз ҷумла намояндаҳои идораи ВҲИ дар шаҳри Душанбе. Дар рафти вохӯрӣ дар бораи фаъолияти Эътилоф доир ба расондани ёрии ҳуқуқӣ ва ҳимояи ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа, офиятбахшии ҷабрдидагон, стандартҳои Протоколи Истамбул маърӯза карда шуд. Коршиносони Эътилоф ба иштироккунандагон доир ба таҷрибаи кории худ вобаста ба парвандаҳои истифода шудани шиканҷа ва муносибати бераҳмона маълумот пешниҳод намуданд.

**Тренингҳои «Механизмҳои байналмилалӣ ва миллии ҳимояи ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа ва мурочиат».** Гурӯҳи ёрии ҳуқуқӣ (ГЁҲ) дар ҳамкорӣ бо Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз моҳи октябр то моҳи ноябри соли 2017 барои 73 адвокат аз ВМКБ, вилоятҳои Хатлон ва Суғд, шаҳри Душанбе ва НТҶ доир ба механизмҳои ҳимояи ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа ва муносибати бераҳмона се тренинги серӯза гузаронд. Барномаи тренингҳо масъалаҳои зеринро фаро гирифт: стандартҳои асосии байналмилалӣ ва қонунгузории миллӣ оид ба озодӣ аз шиканҷа, стандартҳои Протоколи Истамбул, кафолати асосии ҳуқуқҳои боздоштшудагон ва шахсони аз озодӣ маҳрумгашта. Боби алоҳида ба фаъолияти адвокатҳои оид ба эътино овардан ба арзу шикоятҳо доир ба истифода шудани шиканҷа дар марҳилаҳои гуногуни мурофиаи ҷиноятӣ ва таҳияи стратегия барои адвокатҳо доир ба ҳимояи ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа дар марҳилаҳои гуногуни мурофияи ҷиноятӣ бахшида шуда буд.

Гурӯҳи ёрии ҳуқуқӣ ҳангоми анҷом додани тафтишоти журналистикӣ бо Гурӯҳи медиавӣ фаъолона ҳамкорӣ менамояд. Соли 2017 аз ҷониби ГЁҲ гузарондани 10 тафтишоти журналистикӣ дастгирӣ карда шуд. Парвандаҳое муайян карда шуданд, ки аз рӯи онҳо гузарондани тафтишоти журналистикӣ зарур буд ва дар ин маврид маслиҳатҳои ҳуқуқӣ пешниҳод карда шуданд (баълумоти бештар дар: http://notorturetj.org/news).

### 2.3.1. Ҳуҷҷатгузории ҳолатҳои шиканҷа ва дигар намуд муносибати бераҳмона

Барои муайян кардани миқёси истифода гардидани шиканҷа ҳуҷҷатгузории ҳолатҳои истифода шудани шиканҷа ва дигар намудҳои муносибати бераҳмона анҷом дода мешавад. Ҳуҷҷатгузории ҳолатҳои шиканҷа дар асоси мурочиатҳои ҷабрдидагони эҳтимолии ҳолатҳои шиканҷа ва/ё хешовандони онҳо ба Эътилоф ва/ё гирифтани маълумоти ибтидоӣ аз дигар шахсони манфиатдор, ВАО, ТҒҲ, адвокатҳо, духтурон ва ғайра анҷом дода мешавад.

Дар давраи аз 1 январ то 31 декабри соли 2017 аз ҷониби Гурӯҳи ёрии ҳуқуқӣ ва ташкилотҳои аъзои Эътилоф 66 мурочиати ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа ва муносибати бераҳмона ҳуҷҷатгузорӣ карда шуд, ки аз онҳо 5 нафарро ноболиғон ва 5 нафарро занон ташкил доданд.

| | Минтақаҳо | | | | ҲАМАГӢ |
|---|---|---|---|---|---|
| | Душанбе | НТҶ | Хатлон /ВМКБ | Суғд | |
| Ҳамагӣ ҳуҷҷатгузорӣ шуд | 17 | 5 | 20 | 24 | 66 |
| Хизматрасониҳои адвокатҳо, ки аз ҷониби Эътилоф пардохт карда шудаанд | 11 | 2 | 18 | 9 | 40 |
| Хизматрасониҳои адвокатҳо, ки аз ҷониби хешовандон пардохт карда шудаанд | 3 | 3 | 2 | 13 | 21 |
| Маслиҳату машварат, кӯмаку дастгирии ҳуқуқӣ | Маслиҳати ҳуқуқӣ - 33 Ҳуҷҷат тартиб дода шуд - 11, Кӯмаку дастгирии ҳуқуқӣ - 1 | | Маслиҳати ҳуқуқӣ -30 Кӯмаку дастгирии ҳуқуқӣ -7 | Маслиҳати ҳуқуқӣ– 16 | |

Ба сифати истифода гардидани усулҳои шиканҷа зикр карда шуданд: лату кӯб ба қисматҳои гуногуни бадан, аз ҷумла бо истифода аз калтаки резинӣ, гузоштани қувваи барқ ба ангуштони дастон, узвҳои ҷинсӣ, тариқи рӯймолчаи тар ба даҳони ҷабрдида, овезон кардани қуттиҳои пластикии бо хок пуркардашуда ба узвҳои ҷинсии мардон, дохил кардани (халондани) сӯзан/мех зери нохунҳо, таҷовузи психологӣ дар шакли таҳқир, таҷовуз ба номус, таҳдиди таҷовуз, гузоштан дар оби хунук (пой дар об дар муддати 1-2 шабонарӯз), дар фасли хунук зери оби хунук ҷойгир кардан, гузоштани қувваи барқ ба тахтапушт ва узвҳои ҷинсӣ тариқи телефони махсус, пӯшондани ниқоб ба сар, сӯзондани бадан бо сигор, се нафар боздоштшударо маҷбур мекарданд, ки бо навбат ба рӯи ҳамдигар бо кафи даст бо тамоми қувва зананд, тоб додани дастон ба оқиб ва бастани дасту пой бо тасма, бастани даҳон бо скотч.

Шиканҷа бо мақсади гирифтани нишондодҳои иқроршавӣ, ҷазо додан барои содир кардани амалҳои муайян ё ба сифати чораи ором кардан истифода карда мешуданд.

Арзу шикоятҳо оид ба ҳолатҳои истифода гардидани шиканҷа ва муносибати бераҳмона ба мақомоти давлатии зерин пешниҳод гардиданд: ВКД – 55, КДАМ – 7; мактаби миёнаи таҳсилоти умумӣ – 1; муассисаи томактабӣ – 1; АНМ -1; Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия -1.

### 2.3.2. Маслиҳату машварати ҳуқуқӣ

Мутахассисон оид ба ҳуҷҷатгузории ҳолатҳои шиканҷа: Дар ГЁҲ се телефони боварӣ амал мекунад: дар вилояти Суғд (987873333), дар вилояти Хатлон (987876666), дар шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои тобеи марказ (987087676). Телефонҳо инчунин дар рӯзҳои ғайрикорӣ, аз ҷумла рӯзҳои истироҳат ва идҳо низ фаъоланд.

Ҳайати мутахассисон оид ба ҳуҷҷатгузории ҳолатҳои шиканҷа ва муносибати бераҳмонаро ҳуқуқшиносон ва адвокатҳои аҳли амал ташкил мекунанд. Мутахассисон фаъолияти марбут ба расондани ёрии ҳуқуқии ибтидоиро анҷом медиҳанд, аз ҷумла:

- қабули мурочиатҳо ва додани маслиҳату машваратҳо тариқи телефонҳои боварӣ;

- омода намудани арзу шикоятҳои хаттӣ;

- анҷом додани мониторинги мурофиаҳои судӣ;

- ҳамроҳӣ кардан дар мақомоти давлатӣ ва дигар муассисаҳо, ҳамроҳӣ кардан ҳангоми анҷом додани шаҳодаткунонӣ/экспертизаи тиббии судӣ;

- анҷом додани шарҳи ВАО доир ба ҳолатҳои истифода гардидани шиканҷа ва муносибати бераҳмона;

- ҷамъоварӣ ва коркарди маълумотҳои оморӣ вобаста ба ҳолатҳои истифода гардидани шикаҷа ва муносибати бераҳмона.

Мутахассисон оид ба ҳуҷҷатгузории ҳолатҳои шиканҷа ва муносибати бераҳмона мунтазам мониторинги ВАО ва шабакаҳои иҷтимоиро анҷом медиҳанд. Дар сурати ошкор шудани маълумоту иттилоот доир ба ҳолатҳои эҳтимолии шиканҷа ё муносибати бераҳмона ҷамъоварӣ ва санҷиши маълумоту иттилооти ибтидоӣ анҷом дода мешавад.

Дар шаҳри Душанбе ва НТҶ 33 машварати шифоҳӣ пешниҳод карда шуд ва вобаста ба мурочиатҳои шаҳрвандон 11 аризаи хаттӣ таҳия гардид. Аз онҳо 27 машварат ба масъалаҳои марбут ба тартиби шикоят овардан аз далелҳои шиканҷа дар мақомоти прокуратура ва пешниҳод гардидани кӯмаку дастгирӣ аз ҷониби гурӯҳи ёрии ҳуқуқии Эътилоф алоқаманд буданд. Аз рӯи 6 ҳолат мурочиаткунандагон ба мақомоти соҳавӣ ва адвокатҳо ирсол гардиданд, зеро мурочиатҳои онҳо ба масъалаи шиканҷа ва муносибати бераҳмона дахл надоштанд.

Дар Вилояти Суғд 16 машварати шифоҳӣ вобаста ба механизмҳои шикоят овардан ба суд аз рӯи амалҳои кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ пешниҳод карда шуд.

Дар вилояти Хатлон 30 машварати шифоҳӣ вобаста ба анҷом додани санҷиши прокурорӣ, ҷамъоварӣ намудани заминаи далелҳо ҳангоми баррасӣ кардани парвандаҳо вобаста ба ҳолатҳои шиканҷа ва муносибати бераҳмона, таҳияи стратегияҳо барои адвокатҳо доир ба ҳимояи ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа, таъин намудани экспертизаҳои мухталиф. 3 ариза ва шикояти хаттӣ вобаста ба масъалаҳои истифода шудани шиканҷа ба Прокуратураи генералии ҶТ тартиб дода шуд.

Фаъолияти Машваратчии ГЁҲ аз пешниҳод намудани кӯмаку дастгирии ҳуқуқӣ ба адвокатҳо ва аъзоёни Эътилоф вобаста ба парвандаҳои марбут ба истифода шудани шиканҷа ва муносибати бераҳмона иборат мебошад. Машваратчӣ ҳамчунин аъзои Комиссияи оид ба тақсимоти фонди ҳаққи таълиф (гонорарӣ) мебошад. Соли 2017 аз ҷониби машваратчӣ вобаста ба мурочиатҳое, ки дар доираи фаъолияти Гурӯҳи ёрии ҳуқуқӣ пешниҳод гардиданд 40 машваратӣ хаттӣ ва 19 машварати шифоҳӣ пешниҳод карда шуд, аз ҷумла 19 стратегияи адвокатҳо оид ба ҳимояи ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа баррасӣ гардид.

### 2.3.3. Мониторинги мурофиаҳои судӣ

Соли 2017 аз рӯи 15 парвандае, ки дар онҳо судшавандагон вобаста ба ҳолатҳои истифода шудани шиканҷа ва муносибати бераҳмона баёнот доданд, мониторинги мурофиаҳои судӣ анҷом дода шуд.

Натиҷаҳои мониторинги мурофиаҳои судӣ нишон доданд, ки:

a. қариб дар ҳама ҳолатҳо мурофиаҳои судӣ қариб то 3 соат ба таъхир гузошта мешуданд.
b. Вобаста ба парвандаи адвокати Е.Б. мушоҳидон ба толори мурофиаи судии кушода бидуни фаҳмондани сабабҳо роҳ дода нашуданд.
c. Вобаста ба яке аз парвандаҳо шахси судшаванда дар толори суд «дар дохили қафас» - дар дохили катаки панҷарадори махсуси оҳанин бо дастони баста ва дар иҳотаи посбонҳо ҷойгир карда шуда буд, ки чунин ҳолат хилофи принсипи «эҳтимолияти бегуноҳӣ» мебошад.
d. Хилофи меъёрҳои қонунгузории миллӣ сабти овозии рафти мурофиаи судӣ манъ карда мешавад.

### 2.3.4. Пешниҳод намудани кӯмаку дастгирии ҳуқуқӣ/намояндагӣ дар суд

Фонди ҳаққи хизматрасониҳо (гонорарӣ) барои пешниҳод намудани кӯмаку дастгирии ҳуқуқӣ ба ҷабрдидагони эҳтимолии ҳолатҳои шиканҷа ва/ё хешовандони онҳо аз ҳисоби лоиҳаҳои дахлдори ташкилоту созмонҳои аъзои Эътилоф ташкил карда мешавад. Фонди ҳаққи хизматрасониҳо бевосита мақсаднок сарф карда шуда ба намудҳои зерини хароҷотҳо тақсим карда мешавад:

- пардохти ҳаққи хизматрасониҳои адвокате, ки ба ҷабрдидагони эҳтимолии ҳолатҳои шиканҷа ва/ё хешовандони онҳо кӯмаку дастгирии ҳуқуқӣ пешниҳод мекунад;
- хароҷотҳои роҳ ва рӯзгузаронӣ дар ҳолатҳои ба миён омадани зарурати ба сафар баромадани адвокат барои ҳимоя намудани ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа;
- хароҷотҳо барои расондани ёрии тиббӣ ба ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа ё шоҳидон: харидорӣ кардани доруворӣ, пардохт барои анҷом додани ҷарроҳии таъҷилӣ, расондани кӯмаку дастгирии психологӣ/офиятбахшии ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа;
- хароҷотҳо барои ҷалб намудани мутахассисону коршиносон бо мақсади анҷом додан ва ташкил кардани экспертизаи психологӣ вобаста ба муайян кардани ҳолати равонӣ;
- хароҷотҳо барои дигар чорабиниҳое, ки ҷиҳати таъмин намудани ҳимояи ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа ва/ё хешовандони онҳо, адвокатҳо ва шоҳидон равона гардидаанд.

Фонди ҳаққи хизматрасониҳо барои расондани кӯмаку дастгирии ҳуқуқӣ ба ҷабрдидагони эҳтимолии ҳолатҳои шиканҷа ва/ё хешовандони онҳо дар мувофиқа бо аъзоёни комиссия оид ба тақсимоти Фонди ҳаққи хизматрасониҳо (4 нафар) ва Ҳамоҳангсози Гурӯҳи ёрии ҳуқуқӣ сарф карда мешавад.

Дар соли 2017 дар маҷмӯъ ташкилоту созмонҳои аъзои Эътилоф дар НТҶ ва шаҳри Душанбе аз рӯи 52 парванда манфиатҳои ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа ва муносибати бераҳмона ва манфиати хешовандони онҳоро намояндагӣ карданд, аз онҳо 40 парвандаи нав ва 12 парвандаи солҳои пешин.

Таҳлили парвандаҳо проблемаҳои асосиро муайян кард, ки бо тафтишоти парвандаҳои марбут ба ҳолатҳои истифода шудани шиканҷа ва муносибати бераҳмона алоқаманданд.

1. Санади огоҳкунии ҳуқуқҳои шахсони боздоштшуда дода намешавад, ки ин хилофи муқаррароти Дастурамал «Оид ба анҷом додани боздошт» мебошад. Муҳлати тартиб додани протоколи дастгиркунӣ риоя намешавад, сарсаҳифаи протоколи дастгиркунӣ вуҷуд надорад, вақти дастгиркунии воқеӣ бо вақти дар ҳуҷҷатҳо сабтшуда мутобиқат намекунанд.

- Хилофи муқаррароти моддаи 94 КМҶ ҶТ санади шаҳодаткунонии тиббии дастгиркунӣ тартиб дода нашудааст.
- Аризаи даст кашидан аз хизматрасониҳои адвокат дар ғоибии адвокат тартиб дода мешавад, ки ин хилофи меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ мебошад.
- Дар аввал «барои итоат накардан ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ» ба ҳабси маъмурӣ кашидан, баъдан истифода намудани шиканҷа ва гирифтани нишондоди иқроршавӣ, барасмиятдарории дастгиркунӣ дар доираи мурофиаи ҷиноятӣ. Дар

чунин ҳолат шахси дастгиршуда аз имконияти шикоят овардан аз қарори суд ва дастрасӣ ба адвокат маҳрум мегардад.

- Аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ нисбати шахсони дастгиршуда фишор оварда мешавад, ки баъди чунин ҳолат хешовандони шахсони дастгиршуда аз тарси он ки ба ҳаёти наздикони онҳо метавонанд хатар эҷод карда шавад ва ё метавонад наздиконашон такроран мавриди шиканҷа қарор дода шаванд, аз шикоят кардан худдорӣ менамоянд.
- Аз шоҳидони ноболиғ гирифтани баёнот бидуни ҳузури намояндагони қонунии онҳо анҷом дода мешавад, ба ноболиғони дастгиршуда ҳуқуқ ва ухдадориҳои онҳо фаҳмонда дода намешавад.
- Ба арзкунандагон қарор оид ба рад кардани оғози парвандаи ҷиноятӣ дода намешавад, ки ин хилофи 149, қисми 2 КМҶ ҶТ мебошад.
- Муҳлатҳои мурофиавии баррасӣ кардани аризаҳои пешниҳодшуда аз рӯи амалҳои мақомоти прокуратура вобаста ба дида баромада нашудани арзу шикоятҳо дар муҳлати дар КМҶ муқарраргардида, риоя карда намешаванд. Масалан, кашол додани муҳлатҳои баррасӣ намудани аризаҳои шикоятӣ, ба он оварда мерасонад, ки нишонаҳои зӯроварии ҷисмонӣ гум мешаванд ва исбот кардани далели истифода шудани шиканҷа ғайриимкон мегардад.
- ҳолатҳои анҷом додани тафтишот аз рӯи далели истифода шудани шиканҷа аз ҷониби муфатиш аз рӯи парвандаи асосӣ ҷой доранд, ки ин хилофи моддаи 123 КМҶ ҶТ мебошад.
- Тули зиёда аз се сол, ба арзу шикоятҳои сершумори аризадиҳанда ба Прокуратураи генералии ҶТ ҷавоб дода мешавад, ки қарори муфаттиши прокуратура доир ба рад кардани оғози парвандаи ҷиноятӣ бекор карда шудааст ва барои анҷом додани санҷиши иловагӣ дубора ба ҳамон муфаттиш (9 маротиба) ирсол шудааст.
- Дар амал муҳлатҳои мурофиавии санҷишҳои прокурорӣ 1, 6 ва зиёда моҳҳоро ташкил мекунанд. Маводҳои санҷиши прокурорӣ барои шинос шудан бо онҳо ба адвокат пешниҳод карда намешаванд. Одатан бо баҳонаи он, ки маводҳо «маълумотҳои махфӣ доранд ва онҳоро ошкор кардан мумкин нест».
- Адвокатҳо доир ба қобили қабул набудани нишондодҳои бо истифода аз шиканҷа ва муносибати бераҳмона гирифташуда эътироз менамоянд, ки мутобиқи моддаи 88 прим 1 КМҶ ҶТ мебошад.
- Кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар фаъолияти адвокатҳо ҳангоми расондани ёрии ҳуқуқӣ ва дастрасӣ ба зерҳимояҳои худ монеаҳо эҷод менамоянд. То ҳол аз адвокат барои вохӯрдан бо зерҳимояи худ гирифтани иҷозат аз муфаттише, ки аз рӯи парванда тафтишот мебарад ё аз судяе, ки парвандаи ҷиноятиро баррасӣ менамояд талаб карда мешавад. Маъмурияти тавқифгоҳи тафтишотӣ дастрасии адвокатро маҳдуд месозад, сарфи назар аз доштани ордер ва аз адвокат гирифтани иҷозатномаи судя талаб карда мешавад.

### 2.3.5. Мурофиаҳои стратегии судӣ

Мурофиаи стратегӣ (strategic litigation) – ин бурдани мурофиаҳои судӣ ва маъмурӣ аз рӯи парвандаҳои аз нуқтаи назари татбиқи манфиатҳои ҷамъиятӣ зарурбуда мебошад, ки бо мақсади ба таври устувор тағйир додани қонун ё амалияи судӣ ё маъмурӣ, муайян намудани камбудиҳо дар қонун (нишон додани самтҳо ба қонунгузор), таъмини тафсири дуруст ва истифодаи дурусти муқарраротҳо, ба таври оммавӣ интишор кардани таҷрибаҳои манфӣ анҷом дода мешавад.

Соли 2014 ташкилоту созмонҳои аъзои Эътилоф бо он розӣ шуданд, ки ҷиҳати ба роҳ мондани амалияи устувори ҷуброн шудани товони зарар ба ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа ва муносибати бераҳмона мурофиаҳои стратегии судӣ бурда шаванд.

Зараре, ки ба шаҳрванд дар натиҷаи истифода шудани шиканҷа ва дигар намуд муносибати бераҳмона расонида шудааст, бояд бо тартиби дар КМҶ ва КГ ҶТ пешбинишуда ҷуброн карда шавад. Мақомоти таъкиби ҷиноятӣ вазифадор аст ба шахси дучори шиканҷа гардида

ҳуқуқи ӯро оид ба пешниҳоди даъво дар бораи ситонидани зарари молумулкӣ, маънавӣ ва тартиби пешниҳоди чунин даъворо фаҳмонида диҳад.[5]

Соли 2017 вобаста ба 2 парванда, ки аз рӯи онҳо шикоят оварда шуда буд қарор оид ба ҷуброн намудани товони зарар бароварда шуд.[6]

Аз рӯи як аризаи даъвогӣ доир ба рӯёндани товони зарари маънавӣ барои самаранок анҷом дода нашудани тафтишот бо сабаби он, ки Прокуратураи генералӣ парвандаро ба тафтишоти иловагии сеюм супорида буд, рад карда шуд.

Вобаста ба парвандаи Шаҳбол Мирзоев адвокат дар марҳилаи мурофиаи иҷроиш корҳо анҷом дода бо ин ба волидони Шаҳбол Мирзоев ҷиҳати рӯёндани товони зарар аз КДАМ ҶТ дар ҳаҷми 40,681 сомонӣ тибқи қарори суди ҳарбии гарнизони шаҳри Душанбе мусоидат намуд. Дар натиҷаи корҳои анҷомдодаи адвокат 25 декабри соли 2017 ба волидони Шаҳбол Мирзоёв товони зарар ҷуброн карда шуд.

## 2.4. ҲУҚУҚИ ХИЗМАТЧИЁНИ ҲАРБӢ

Ташкилоти аъзои Эътилоф Ташкилоти ҷамъиятии «Дафтари озодиҳои шаҳрвандӣ» фаъолияти худро дар самти ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои шахсони ба хизмати ҳарби даъватшаванда, даъватшуда, хизматчиёни ҳарбӣ ва аъзоёни оилаҳои онҳоро анҷом медиҳад.

Ташкилот бо Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ниҳоди Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Коллегияи ҳарбии Суди олӣ ва шӯъбаҳои минтақавии он, Прокуратураи ҳарбӣ ва шӯъбаҳои минтақавии он, комиссариатҳои ҳарбӣ, роҳбарияти қисмҳои ҳарбӣ, духтурони комиссияҳои тиббии комиссияи даъват ба хизмати ҳарбӣ, комиссия оид ба бақайдгирии ҳарбӣ ҳамкорӣ менамояд.

ДОШ дар якҷоягӣ бо Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мониторигҳои риояи ҳуқуқи инсон дар қисмҳои ҳарбиро анҷом медиҳад, аз ҷумла дар таҳияи механизми эътино ба арзу шикоятҳои хизматчиёни ҳарбӣ мусоидат менамояд, доир ба баланд бардоштани иқтидори ҳайати афсарон ва маърифатнокии хизматчиён чорабиниҳо баргузор менамояд.

Соли 2017 аз ҷониби коршиносони ДОШ барои 20 адвокат ва коромӯзон ду тренинг доир ба масъалаҳои ҳимояи ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа ҳангоми тафтишоти пешакӣ ва адои хизмати ҳарбӣ гузаронида шуд, аз он ҷумла тренингҳо доир ба масъалаҳои марбут ба ҳуқуқҳои шахсони ба хизмати ҳарби даъватшуда ва хизматчиёни ҳарбӣ барои адвокатҳои ҷавон.

ДОШ ба баланд бардоштани иқтидори муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, волидони ҷавонписарони ба хизмати ҳарби даъватшуда ва хизматчиёни ҳарбӣ доир ба масъалаҳои марбут ба ҳуқуқҳои шахсони синну соли то даъвати ҳарбӣ ва синну соли даъвати ҳарбӣ аҳамияти калон зоҳир менамояд.

Коршиносони ДОШ бо ВАО фаъолона ҳамкорӣ менамоянд. Масалан, соли 2017 дар радио ва телевизион доир ба масъалаҳои даъват ба хизмати ҳарбӣ ва адои хизмати ҳарбӣ се баромад карда шуд. Тамоми мавод ва парвандаҳои стратегии ташкилот доим дар ВАО ва дар саҳифаҳои иҷтимоии ташкилот ва Эътилоф нашр карда мешаванд.

Соли 2017 ДОШ фаъолияти худро дар самти офиятбахшии ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа ва муносибати бераҳмона дар қисмҳои ҳарбӣ ва аъзоёни оилаҳои онҳо, ки аз ҷониби Фонди ихтиёрии СММ барои қурбониёни шиканҷа дастгирӣ гардид, идома дод.

### 2.4.1. Кӯмаку дастгирии ҳуқуқӣ

---

[5]Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №1 аз 25 июни соли 2012 «Дар бораи татбиқ намудани меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ ва мурофиавии ҷиноятӣ оид ба мубориза бар зидди шиканҷа»

[6] Шарҳи марҳилаи омодагӣ, пешниҳод ва баррасии аризаи даъвогӣ оид ба ҷуброн намудани товони зарари маънавӣ ва моддӣ дар суд. Шарҳи пурраи парвандаҳо дар ГЁҲ дастрас аст.

Дар шаҳрҳои Душанбе ва Хуҷанд қабулгоҳҳои ҳуқуқии ДОШ амал мекунанд. Аз ҷониби ҳуқуқшиносони ташкилот доир ба масъалаҳои ҳуқуқӣ ва тиббӣ, аз он ҷумла вобаста ба масъалаи аз ҷиҳати саломатӣ қобил будан ба хизмати ҳарбӣ маслиҳату машварат пешниҳод мегардад. Соли 2017 ба 409 нафар хизматрасониҳои машваратӣ пешниҳол карда шуд. Машваратҳо масъалаҳои даъват ба хизмати ҳарбӣ, ҳуқуқ ба таъхир гузоштан ва аз хизмати ҳарбӣ озод шудан, шикоят кардан аз рӯи амалҳои ғайриқонунии комиссияи даъватро фаро гирифтанд.

Дар ДОШ телефонҳои боварӣ амал мекунанд: +992 93 333 18 03; +992 93 333 17 03.

### 2.4.2. Парвандаҳои стратегӣ

Соли 2017 ДОШ ба даъватшудагон ва хизматчиёни ҳарбӣ аз рӯи 13 парванда, ки дар онҳо адвокатҳо ҳангоми санҷиши шикоятҳо оид ба ҷиноят, дар тафтишоти пешакӣ, дар мурофиаҳои судии гражданӣ ва ҷиноятӣ иштирок карданд, хизматрасониҳои ҳуқуқӣ пешниҳод намуданд, аз он ҷумла дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ манфиатҳои даъватшудагон ва хизматчиёни ҳарбиро намояндагӣ карданд. Адвокатҳо-шарикони ташкилот кӯшиш доранд то ки аз рӯи 95% парвандаҳое, ки ташкилот мебарад ба оғоз гардидани парвандаҳои ҷиноятӣ ва ба ҷавобгарӣ кашида шудани гунаҳкорон ноил шаванд.

Соли 2017 аз ҷониби прокуратура нисбати Қумандони взвод **бори аввал дар таҷриба парвандаи ҷиноятӣ аз рӯи моддаи 143 прим 1 КҶ ҶТ (Шиканҷа)** оғоз карда шуд[7].

Соли 2017 аз рӯи ду парвандаҳои стратегӣ қарор оид ба қонеъ гардондани аризаи даъвогии ҷабрдидагон доир ба рӯёнидани товони зарари маънавӣ ва моддӣ қабул карда шуд. Вале аз рӯи қарорҳои мазкур аз ҷониби адвокатҳо ба судҳои болоӣ шикоят карда шуд, зеро маблағи барои ҷуброни товони зарари маънавӣ, ки аз ҷониби суди марҳилаи якум муқаррар шуда буд на кофӣ буд на одилона. Мутаассифона, амалияи аз ҷониби судҳои кишвар кам кардани маблағҳои ҷубронпулиҳо ба мушоҳида мерасад. Масалан, соли 2016 вобаста ба парвандаи марбут ба рӯёнидани товони зарар аз рӯи парвандаи Фирдавс Раҳматов суд қарор кард, ки ба волидони ӯ 5000 (панҷ ҳазор) сомонӣ ҷубронпулӣ пардохт карда шавад. Вобаста ба парвандаи Шаҳбол Мирзоев бошад соли 2016 аз ҷониби суд товони зарари маънавӣ дар ҳаҷми 4000 (чор ҳазор) сомонӣ муқаррар карда шуд. Соли 2017 бошад вобаста ба парвандаи Қаюмовҳо – 3000 (се ҳазор) ва вобаста ба парвандаи Носиров – 2000 (ду ҳазор) сомонӣ муқаррар карда шуд.

### 2.4.3. Офиятбахшӣ

ДОШ дар пешниҳод кардани табобати амбулаторӣ ва статсионарӣ ба ҷабрдидагони ҳолатҳои мехтарсолорӣ (дедовшина) дар артиш ва аъзоёни оилаҳои онҳо мусоидат намуд. Соли 2017 дар ДОШ ба 27 аскар ва аъзоёни оилаҳои онҳо хизматрасониҳои офиятбахшӣ пешниҳод карда шуд. Ҳамаи онҳо аз муоинаи тиббӣ ва ташхиси клиникӣ-лабараторӣ гузаштанд. Дар асоси тавсияҳои духтурон 8 нафар аз табобати санаторию курортӣ гузаштанд, ду нафар аз курсҳои офиятбахшии психологӣ гузаштанд. Модари яке аз аскарони ҳалокшуда баъди азоби рӯҳии кашида, қариб ба пуррагӣ биноиро аз даст дод. Чашмонашро ҷарроҳӣ карданд ва он бомуваффақият анҷом дода шуд. Айни замон зан таҳти назорати духтурон қарор дорад. Се ҷабрдидаи ҳолати мехтарсолорӣ таҳти назорати доимии тиббӣ ва муолиҷаи физеологӣ, иммуномодулиронӣ ва ислоҳкунӣ қарор доранд.

### 2.4.4. Мониторинг

Аз соли 2014 Дафтари озодиҳои шаҳрвандӣ дар якҷоягӣ бо Дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар ҶТ мониторингҳои риоя гардидани ҳуқуқҳои инсон дар қисмҳои ҳарбиро

[7] http://notorture.tj/news/komandir-vzvoda-obvinyaetsya-v-primenenii-pytok

анҷом медиҳад. Тули ин давра дар тамоми миқёси кишвар дар 16 қисмҳои ҳарбӣ мониторингҳо анҷом дода шуданд.

Соли 2017 дар чор қисми ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеъ дар ноҳияҳои Шаҳритуз (вилояти Хатлон), Исфара (вилояти Суғд), Мурғоб (Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон) ва Лахш (НТҶ) мониторинг гузаронида шуд.

Натиҷаҳои мониторингҳои соли 2017 анҷомдодашуда нишон доданд, ки шароити адои хизмати ҳарбӣ беҳтар шудааст ва дар маҷмӯъ ҳуқуқҳои инсон дар қисмҳои ҳарбӣ риоя карда мешаванд. Бо вуҷуди ин баъзе проблемаҳои марбут ба риояи меъёрҳои низомномаҳои дохилӣ, пешгирии муносибатҳои ғайриоинномавӣ ба мушоҳида мерасанд.

### 2.4.5. Нашрҳо дар соли 2017

- **Маҷмӯи қонунҳо дар соҳаи даъват ва хизмати ҳарбӣ:** нашрияи шашуми ташкилот ба ҳисоб меравад ва мавриди дархости адвокатҳо, ҳомиёни ҳуқуқ, судяҳо, прокурорҳо, сохторҳои ҳарбӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ қарор дорад.
- **Кодекси Ҷиноятӣ ва Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ:** соли 2017 бо дархости Вазорати мудофиаи ҶТ зиёда аз 500 нусха Кодекси Ҷиноятӣ ва Кодекси мурофиавии ҷиноятии ҶТ бо забонҳои русӣ ва тоҷикӣ нашр карда шуд. Кодексҳои мазкур байни воҳид ва қисмҳои ҳарбӣ тақсим карда шуданд.
- **Инфографика барои шахсони ба хизмати ҳарбӣ даъватшуда:** 2 инфографика барои шахсони ба хизмати ҳарбӣ даъватшуда таҳия карда шуданд, ки дар онҳо маълумоту иттилоот оид ба ҳуқуқ ва уҳдадориҳои шахсони ба хизмати ҳарбӣ даъватшуда, асосҳо барои ба таъхир гузоштан ва аз хизмати ҳарбӣ озод шудан, уҳдадориҳои даъватшудагон ва тартиби шикоят кардан аз рӯи қарорҳои комиссияи даъват пешниҳод карда шудааст.
- **Маҷмӯи қонунгузорӣ барои прокуратураи ҳарбӣ ва судяҳо:** аз 18 қонун ва санадҳои ҳуқуқӣ иборат буда, байни кормандони прокуратураи ҳарбӣ ва судҳои ҳарбӣ паҳн карда мешавад.
- **Нашрияҳо барои Қӯшунҳои сарҳадии вилояти Суғд:** бо дархости Кӯшунҳои сарҳадии Сарраёсати кумитаи амнияти миллӣ дар вилояти Суғд 120 номгӯи китобҳо (қонунҳо, кодексҳо, ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ) ва 50 000 адад кортҳои муҳоҷират чоп карда шуд.
- **Маҷмӯи қонунгузории ҶТ оид ба мубориза бар зидди шиканҷа дар артиш:** дар ҳаҷми 150 нусха чоп карда шуда байни сохторҳои ҳарбӣ паҳн карда шуд.

## 2.5. КӮДАКОН, АМАЛӢ НАМУДАНИ АДОЛАТИ СУДӢ НИСБАТИ НОБОЛИҒОН

Ташкилоти аъзои Эътилоф Фонди ҷамъиятии «Ташаббуси ҳуқуқӣ» фаъолияти худро дар самти ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак дар системаи адолати судӣ, инчунин кӯдакони ҷабрдида ва шоҳидони ҳолатҳои содир шудани ҷиноят анҷом медиҳад. Ташкилоти мазкур шарики асосии Фонди кӯдакони СММ – ЮНИСЕФ дар Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Ташкилот бо Вазорати адлия (шӯъбаи адлияи ноболиғон), Вазорати корҳои дохилӣ, Суди олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (маркази омӯзишӣ), Прокуратураи генералӣ (маркази омӯзишӣ) Вазорати маориф ва илми ҶТ ва зерсохторҳои он, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шарики ва ҳамкорӣ менамояд.

Ташкилот яъзои гурӯҳи кории назди Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба таҳия ва татбиқи Нақшаи миллии «Ислоҳоти системаи адолати судӣ нисбати кӯдак дар Тоҷикистон барои солҳои 2017-2021», ки соли 2017 аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шуд, мебошад.

Дар ҳомкорӣ бо Суди олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Прокуратураи генералӣ, Вазорати корҳои дохилӣ, Вазорати адлия ва Дафтари Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ташкилот ҷиҳати баланд бардоштани иқтидори кормандони вазорату идораҳои зикргардида, як қатор тренингҳо доир ба масъалаи ҳимоя ва пешбарӣ намудани ҳуқуқи кӯдак, аз он ҷумла вобаста ба масъалаи хусусиятҳои психологии кор бо кӯдакон баргузор намуд.

Соли 2017 ФҶ «Ташаббуси ҳуқуқӣ» фаъолияти худро дар самти офиятбахшии ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа ва муносибати бераҳмона идома дод (барои маълумоти бештар нигаред ба банди 1.1. Ҷорӣ намудани системаи офиятбахшии ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа ва муносибати бераҳмона).

### 2.5.1. Мониторинги иҷрои ӯҳдадориҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи кӯдак.

Соли 2015 дар доираи фаъолияти «Кӯмаку дастгирии ҳуқуқии кӯдакон дар системаи адолати судӣ, аз ҷумла кӯдакони ҷабрдида ва шоҳидони ҳолатҳои содир шудани ҷиноят» (OSI Будапешт) шабакаи ғайрирасмии ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ оид ба таҳияи гузориши алтернативӣ ба Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқи кӯдак доир ба чараёни аз ҷониби Тоҷикистон татбиқ шудани Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак, ки аз ҷониби Фонди ҷамъиятии «Ташаббуси ҳуқуқӣ» ҳамоҳангсозӣ мешуд, таъсис дода шуд.

Бо мақсади таҳияи гузориш бо ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар вилоятҳои Суғд ва Хатлон ва дар шаҳри Душанбе ҷаласаҳои ҳамоҳангсозӣ баргузор карда шуданд. 27 октябри соли 2016 Гузориши алтернативӣ ба Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқи кӯдак пешниҳод карда шуд[8].

8 феврали соли 2017 намояндаҳои ташкилот дар ҷаласаи пешакии Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқи кӯдак иштирок карданд.

17 сентябри соли 2017 баррасии гузориши миллии Тоҷикистон оид ба чараёни иҷро шудани Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак сурат гирифт. Қисми зиёди тавсияҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ аз ҷониби Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқи кӯдак ҳангоми таҳияи тавсияҳои хотимавӣ ба инобат гирифта шуданд.

Айни замон ташкилот ба чараёни таҳияи нақшаи миллии амал доир ба иҷрои тавсияҳои Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқи кӯдак фаъолона ҷалб карда мешавад.

### 2.5.2. Омӯзонӣ ва огоҳонӣ

Ташкилот ба омодагии касбии намояндагони мақомоти ҳокимияти давлатӣ, адвокатҳо ва намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ вобаста ба пешбарӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак аҳамияти калон зоҳир менамояд. Соли 2017 аз ҷониби ташкилот 33 тренинг ва семинарҳо гузаронида шуданд:



- *Тренинг барои хонандагони мактабҳо ва намояндагони кумитаи волидони шаҳри Исфара ва ноҳияи Бобоҷон Гафуров (мактаби назди сарҳадӣ)* доир ба масъалаи риояи расмиёту қоидаҳо ҳангоми убур намудани сарҳади байни Ҷумҳурии Тоҷикистону Ҷумҳурии Қирғизистон.
- *Тренинг «Хусусиятҳои ҳимояи кӯдакон дар мурофиаи ҷиноятӣ»,* ки дар он 100 адвокат аз шаҳри Душанбе, НТҶ, вилояти Суғд иштирок карданд. Дар тренинг мавзӯҳои мақоми ноболиғон дар мурофиаи ҷиноятӣ, нақши адвокат дар суд ва тафтишоти пешакӣ аз рӯи парвандаҳои нисбати кӯдакон оғозшуда ва истифодаи чораҳои маҷбурии дорои хислати тарбиявӣ, аз он ҷумла хусусиятҳои психологии кор бо кӯдакон муҳокима карда шуданд.
- *Тренинг барои кормандони мақомоти прокуратура доир ба масъалаи марбут ба адолати судӣ нисбати кӯдак.* Тренинги мазкур 5-7 сентябри соли 2017 барои 20

[8] http://notorturetj.org/reports/alternativnyy-doklad-npo-o-hode-vypolneniya-respublikoy-tadzhikistan-konvencii-o-pravah

прокурор оид ба назорати парвандаҳоиноболиғони шаҳри Душанбе, вилояти Хатлон ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ гузаронида шуд. Дар тренинги мазкур масъалаҳои марбут ба қонунгузории миллӣ оид ба ҳуқуқи кӯдак, аз он ҷумла фаъолияти мақомоти прокуратура оид ба назорати риояи ҳуқуқҳои кӯдак мавриди муҳокима қарор дода шуданд.

- *Тренинг доир ба масъалаи адолати судӣ нисбати ноболиғон* барои 20 судяи шаҳри Душанбе, вилояти Суғд, ВМКБ, НТҶ ва вилояти Хатлон.
- *Тренинг дар мавзӯи «Ҷанбаҳои ҳуқуқӣ ва психологии ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак»,* ки 22-26 майи соли 2017 барои кормандони ниҳоди Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ва намояндагони қабулгоҳҳои ҳуқуқӣ доир ба масъалаҳои ҳуқуқи кӯдак баргузор карда шуд.
- *Тренинг дар мавзӯи «Хусусиятҳои ҳимояи кӯдакон дар системаи адолати судӣ, аз он ҷумла кӯдакони ҷабрдида ва шоҳидони ҳолатҳои содир шудани ҷиноят»,* ки 21-26 августи соли 2017 гузаронида шуд ва дар он 25 нафар – кормандони Марказҳои таҳсилоти иловагӣ ва шӯъбаҳои ҳуқуқи кӯдаки шаҳрҳои Хуҷанд, Конибодом, Панҷакент, Исфара ва ноҳияи Б. Ғафурови вилояти Суғд иштирок карданд.

### 2.5.3. Ахборот (бюллетен) оид ба масъалаҳои ҳуқуқи кӯдак

Солҳои 2016-2017 аз ҷониби ташкилот 4 ахборот омода карда шуд. Ахборотҳо дар ҳаҷми 732 нусха чоп карда шуда байни судяҳо, прокурорҳо, кормандони милитсия, кормандони дафтари Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ва адвокатҳо тақсим карда шуданд. Ҳамаи ахборот бо забони русӣ дар мавзӯҳои зерин буданд:

- «Таҳлили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба мавзӯи зӯроварӣ нисбати кӯдак» («Анализ законодательства Республики Таджикистан по вопросам насилия в отношении ребенка»)[9].
- «Таҳлили қонунгузории миллӣ ва стандартҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳимояи кӯдакони ҷабрдида ва шоҳидони ҳолатҳои содир шудани ҷиноят» («Анализ национального законодательства и международных стандартов в сфере защиты детей – жертв и свидетелей преступления»)[10].
- Таҳлили Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» барои муқоиса кардан бо стандартҳои байналмилалӣ ва қонунгузории миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Анализ Закона Республики Таджикистан «Об ответственности родителей за обучение и воспитание детей» на соответствие международным стандартам и национальному законодательству Республики Таджикистан)[11]
- Тафсири вазъии «Адолати судӣ нисбати ноболиғон: адлияи ноболиғон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Ситуационный обзор «Правосудие в отношении несовершеннолетних: ювенальная юстиция в Республике Таджикистан»)[12].

## 2.6. ҶОРӢ НАМУДАНИ ПРИНСИПҲОИ ИСТАМБУЛ ҶИҲАТИ САМАРАНОК АНҶОМ ДОДАНИ ТАФТИШОТИ ТИББӢ ВА ҲУҶҶАТГУЗОРИИ ҲОЛАТҲОИ ШИКАНҶА ВА МУНОСИБАТИ БЕРАҲМОНА ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Лоиҳаи пешбарӣ намудани стандартҳои Протоколи Истамбули Эътилофро** Ташкилоти ҷамъиятии «Маркази ҳуқуқи инсон» ҳамоҳангсозӣ менамояд (ҳамоҳангсоз – Парвина Наврӯзова).

Бо Фармони Вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02 декабри соли 2013 таҳти №719 бо мақсади татбиқи Нақшаи чорабиниҳо оид ба мубориза бар

---

[9] http://notorturetj.org/legislation/analiz-zakonodatelstva-respubliki-tadzhikistan-po-voprosam-nasiliya-v-otnoshenii-detey
[10] http://notorturetj.org/legislation/analiz-nacionalnogo-zakonodatelstva-i-mezhdunarodnyh-standartov-v-sfere-zashchity-detey
[11] http://notorturetj.org/legislation/sravnitelnyy-analiz-zakona-respubliki-tadzhikistan-ob-otvetstvennosti-roditeley-za
[12] http://notorturetj.org/legislation/situacionnyy-obzor-pravosudie-v-otnoshenii-nesovershennoletnih-yuvenalnaya-yusticiya-v

зидди шиканҷа[13] Гурӯҳи корӣ оид ба такмил додани низомномаҳои дохилӣ, дастурамал ва варақаҳо барои анҷом додани экспертизаи тиббии судӣ/психиатрӣ ва шаҳодаткунонии тиббӣ мутобиқи принсипҳои Протоколи Истамбул таъсис дода шуд. Ба ҳайати гурӯҳи мазкур намояндагони Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, коршиносон оид ба экспертизаи тиббии судӣ ва ҳуқуқшиноси Ташкилоти ҷамъиятии «Маркази ҳуқуқи инсон» дохил карда шуданд[14].

30 октябри соли 2017 тибқи Қарори Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тахти №938 Гурӯҳи нави корӣ оид ба татбиқи Нақшаи миллии амал доир ба иҷрои тавсияҳои давлатҳои аъзои Шӯрои СММ оид ба ҳуқуқи инсон мутобиқи расмиёти Тафсири даврии универсалӣ (марҳилаи дуюм) барои солҳои 2017-2020[15] дар самти татбиқи чорабиниҳои марбут ба пешбарии стандартҳои Протоколи Истамбул дар фаъолияти муассисаҳои тиббӣ таъсис дода шуд. Намояндаи Эътилофи зидди шиканҷа, ҳуқуқшиноси Ташкилоти ҷамъиятии «Маркази ҳуқуқи инсон» ба ҳайати гурӯҳи мазкур дохил карда шуд.

Фаъолият оид ба пешбарии ҷорӣ намудани стандартҳои Протоколи Истамбул аз ҷониби Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ТҶ «Маркази ҳуқуқи инсон» бо кӯмаку дастгирии коршиносони созмони байналмилалии «Духтурон ҳомии ҳуқуқи инсон» татбиқ мегардад.

Дар соли 2017 фаъолияти мазкур дар доираи лоиҳаҳои зерин амалӣ карда шуд: а) «Баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ ва иқтидори кормандони системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, духтурон ва аъзоёни гурӯҳи мониторингии ҷойҳои маҳрумият аз озодии назди Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон доир ба пешбарии стандартҳои Протоколи Истамбул - бо кӯмаку дастгирии Вазорати корҳои хориҷии Финляндия ва БРСММ; б) «Амал баҳри озодӣ аз шиканҷа дар Тоҷикистон» - бо кӯмаку дастгирии Иттиҳоди Аврупо ва в) «Кӯмаку дастгирии Эътилофи ҷомеаи шаҳрвандии зидди шиканҷа» - бо кӯмаку дастгирии Фонди Зигрид Раузинг Траст.

**Таҳлили Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи стандартҳои Протоколи Истамбул.** Соли 2017 таҳлили Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии ҶТ барои мувофиқа кардан бо стандартҳои Конвенсияи зидди шиканҷа ва Протоколи Истамбул анҷом дода шуд. Аз рӯи натиҷаҳои таҳлил тавсияҳо доир ба ворид намудани тағйироту иловаҳо ба КИҶҶ ҶТ, аз он ҷумла ҳангоми таҳияи ҳуҷҷатҳои стратегии минбаъда доир ба масъалаҳои ҷорӣ намудани стандартҳои Протоколи Истамбул ба ҳуҷҷатҳои дохилии системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ таҳия карда шуданд (барои маълумоти бештар: http://notorturetj.org/en/analytics/expert-analysis-and-recommendations-criminal-punishment-code-republic-tajikistan)

**Такмили қонунгузорӣ.** 5 январи соли 2015 тибқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ барои солҳои 2015-2017 қабул карда шуд, ки дар навбати худ анҷом додани таҳлили муассисаҳои давлатии экспертизаи судӣ ва эҳтимолияти ташкил ва татбиқи экспертизаҳои судӣ берун аз системаи муассисаҳои давлатиро дар бар мегирифт. Иҷрои банди мазкури Барнома ба зиммаи Вазорати адлия ва зерсохтори он – Маркази Ҷумҳуриявии экспертизаи судӣ ва криминалистикӣ вогузор карда шуд.

Соли 2016 аз ҷониби Маркази Ҷумҳуриявии экспертизаи судӣ ва криминалистикии назди Вазорати адлия лоиҳаи Қонун «Дар бораи фаъолияти судӣ-экспертӣ» таҳия карда шуда

[13] Нақшаи чорабиниҳо оид ба мубориза бар зидди шиканҷа аз рӯи тавсияҳои Кумитаи СММ бар зидди шиканҷа ва Гузоришгари махсуси СММ оид ба шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шарафи инсон Хуан Мэндес аз 15 августи соли 2013. http://notorture.tj/library/plan-meropriyatiy-gosudarstvennyh-organov-po-protivodeystviyu-pytkam

[14] Маълумоти бештарро оид ба фаъолияти гурӯҳи корӣ метавонед аз ҳисоботи «Ҳуҷҷатгузории самараноки ҳолатҳои шиканҷа ва дигар муносибати ғайриинсонӣ аз ҷониби муассисаҳои тиббӣ дар Тоҷикистон мутобиқи принсипҳои Протоколи Истамбул» ТҶ «Маркази ҳуқуқӣ инсон», Душанбе соли 2014 дастрас намоед. http://notorture.tj/sites/default/files/articles/2015/files/effektivnoe_dokumentirovanie_pytok__0.pdf

[15] Утвержден распоряжением Президента Республики Таджикистан от 7 июня 2017 года, №РП-901

барои мувофиқа ба вазорату идораҳои дахлдоре, ки назди онҳо муассисаҳои экспертӣ амал мекунанд, фиристода шуд. Аз ҷониби гурӯҳи кории назди Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлили дақиқи лоиҳаи қонун анҷом дода шуда фикру мулоҳизот ба Вазорати адлия ва пешниҳод доир ба таҷдиди назар намудани лоиҳаи қонун ирсол карда шуд. Корҳо дар ин самт идома доранд.

### 2.6.1. Омӯзонӣ ва огоҳонӣ



*Ҷорӣ намудани стандартҳои Протоколи Истамбул ба барномаҳои таълимӣ.* Дар доираи лоиҳаи «Баланд бардоштани сатҳи маълумотнокии судяҳо ва таҳияи машғулиятҳои лексионӣ ва барномаҳои таълимӣ барои кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судӣ факултети ҳуқуқшиносии ДМТ»[16] қаблан дар соли 2016 таҳлили барномаҳои таълимӣ доир ба тибби судии факултети ҳуқуқшиносии назди ДМТ анҷом дода шуд, ки дар натиҷаи он ба барномаҳои таълимӣ бо дарназардошти стандартҳои байналмилалӣ тағйиротҳо ворид карда шуданд. Тибқи барномаи нави таълимӣ, курси лексияҳо доир ба тибби судӣ барои донишҷӯёни факултаҳои ҳуқуқшиносии мактабҳои олӣ бо ҷорӣ кардани стандартҳои Протоколи Истамбул таҳия карда шуд. Айни замон донишҷӯёни факултаи ҳуқуқшиносии ДМТ тибқи барномаи нав омӯзонида мешаванд. Китобҳои дарсӣ (курси лексияҳо) нашр шуда ба кафедра супорида шуданд.

Модул барои гузарондани тренинг оид ба ҳуҷҷатгузории ҳолатҳои шиканҷа мутобиқи стандартҳои Протоколи Истамбул ҷиҳати омӯзонидани духтурон ва кормандони оперативии муассисаҳои пӯшида доир ба масъалаи эътиноъ, ҳуҷҷатгузорӣ ва анҷом додани муоинаи тиббӣ аз рӯи парвандаҳои истифода шудани шиканҷа ва муносибати бераҳмона мутобиқи талаботҳои Протоколи Истамбул таҳия карда шуд. Аз рӯи натиҷаҳои модул се тренинги серӯза барои духтурон ва кормандони оперативии системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, аъзоёни гурӯҳи мониторингии ҷойҳои маҳрумият аз озодии назди ВОҲ, ҳуқуқшиносон/адвокатҳои Эътилофи зидди шиканҷа гузаронида шуд.

Ташкилоти ҷамъиятии «Маркази ҳуқуқи инсон» дар ҳамкорӣ бо Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлия ва Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ *се тренинги серӯза дар мавзӯи ҳуҷҷатгузории тиббии далелҳои шиканҷа тибқи стандартҳои Протоколи Истамбул баргузор намуд*.[17] Ду тренинг дар шаҳри Душанбе (барои иштирокчиён аз шаҳри Душанбе, НТҶ ва вилояти Хатлон) ва як семинар дар шаҳри Хуҷанд (барои иштирокчиён аз вилояти Суғд) гузаронида шуд. Дар тренингҳо 68 нафар иштирок карданд, аз онҳо: 33 нафар кормандони соҳаи тиб, 23 нафар кормандони оперативии системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, 3 нафар намояндаи Дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар ҶТ, 9 адвокат – аъзоёни Эътилоф.

11-14 декабри соли 2017 Эътилоф дар якҷоягӣ бо Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ ва ташкилоти байналмилалии «Духтурон ҳомии ҳуқуқи инсон» *барои аъзоён ва шарикони Эътилоф, духтурони равоншиносон, духтурони клиникаҳои хусусӣ, адвокатҳо, коршиносони судии тиббии Вазорати мудофиа, психологҳо ва кормандони иҷтимоӣ тренинги чоррӯза баргузор намуд*. Дар тренинг 38 нафар иштирок карданд, ки аз онҳо 6 нафар – духтурони равоншинос, 14 нафар - адвокатҳо/ҳуқуқшиносон, 3 нафар - кормандони иҷтимоӣ,

---

[16] Лоиҳа бо кӯмаку дастгирии Шӯъбаи ташкилоти байналмилалии Институти «Ҷамъияти Кушода» - Бунёди Мадад дар Тоҷикистон амалӣ карда шуд

[17] Лоиҳа аз ҷониби Вазорати корҳои хориҷии Финляндия ва БРСММ дастгирӣ гардид.

1 нафар – психолог, 8 нафар – духтурони клиникаҳои хусусӣ, 4 нафар – коршиноси тиббии судӣ, 2 нафар – намояндаи ТҒҲ.[18]

### 3.4.3. Нашрияҳо

- Плакатҳои иттилоотӣ (20 адад)[19] ва китобчаҳо (180 нусха)[20] бо забони тоҷикӣ ва бо зикр намудани рақамҳои телефони боварӣ барои ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа таҳия ва нашр карда шуданд. Маводҳои иттилоотӣ дар худ маълумот оид ба тартиби анҷом додани муоинаи тиббӣ ва экспертизаҳоро дар бар мегиранд.
- Ду ахбороти иттилоотӣ «Протоколи Истамбул аз назария то амалия» оид ба фаъолияти ҷорӣ намудани стандартҳои Протоколи Истамбул барои давраи солҳои 2012-2017 бо забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ таҳия ва нашр карда шуд (барои маълумоти бештар: http://www.notorturetj.org/tj/activities/protokoli-istambuli-az-nazariya-amaliya
ва http://notorturetj.org/en/activities/istanbul-protocol-theory-practice)

- Шарҳу мулоҳизот ба моддаҳои Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии ҶТ дар ҳаҷми 100 нусха таҳия ва нарш карда шуд.

## 3.3. ФАЪОЛИЯТИ ТАҲЛИЛӢ ВА ПЕШБАРӢ КАРДАНИ ТАВСИЯҲОИ ЭЪТИЛОФИ ОЗОДӢ АЗ ШИКАНҶА (ЭДВОКАСӢ)

Дар ҷаласаи солонаи Эътилоф роҳбари маркази таҳлилии Эътилоф Фонди ҷамъиятии «Нотабене» (Нигина Баҳриева) интихоб гардид.

Маркази таҳлилӣ фаъолияти худро дар асоси Қоида ва принсипҳои иштирок дар Эътилоф амалӣ медиҳад ва фаъолияти таҳлилии Эътилоф ва гурӯҳҳои кориро ҳамоҳангсозӣ менамояд. Айни замон ба Маркази таҳлилӣ роҳбари Эътилоф, роҳбарони гурӯҳҳои корӣ, ҳамоҳангсози лоиҳаи пешбарӣ кардани стандартҳои Протоколи Истамбул, аз он ҷумла намояндаи ТҶ «Апейрон» шомил мебошанд. Котиботи Маркази таҳлилӣ аз роҳбари марказ ва фандрайзер иборат аст.

Моҳи марти соли 2017 нақшаи кории Марказ таҳия карда шуд, ки бо аъзоёни Эътилоф ба мувофиқа расонида шуд.

Аз ҷониби Эътилоф фаъолияти пешбарии озодӣ аз шиқанҷа дар Тоҷикистон дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ тариқи гузарондани вохӯриҳо бо дипломатҳо ва намояндагони делегатсияиҳои байналмилалӣ ва байниҳукуматӣ, таҳияи гузоришҳои таҳлилӣ ва пешбарӣ намудани тавсияҳои худ фаъолона ба роҳ монда шудааст.

### 2.6.2. Тафсири даврии универсалӣ

*Муҳокимаи мавзӯии тавсияҳои ТДУ*[21]. Моҳҳои январ-феврали соли 2017 як силсила муҳокимаҳои мавзӯии тавсияҳои марҳилаи дуюми ТДУ гузаронда шуд. Муҳокимаи мавзӯии тавсияҳои марҳилаи дуюми ТДУ дар соҳаи озодӣ аз шиканҷа 27 январи соли 2017 бо кӯмаку дастгирии молиявии Эътилофи ҷомеаи шаҳрвандии зидди шиканҷа ва беҷазоӣ дар Тоҷикистон баргузор гардид.

Ин яке аз бахшҳои баҳсталаб ва фаъоли тавсияҳо буд, ки дар он зиёда аз 40 нафар иштирок карданд – намояндагони мақомоти давлатӣ, намояндаҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ташкилоту созмонҳои байналмилалӣ. Дар муҳокимаҳои мавзӯӣ андешидани тадбирҳоеро пешниҳод менамуданд, ки метавонанд ҷиҳати иҷро шудани тавсияҳо вобаста ба ТДУ мусоидат кунанд ва онҳоеро, ки метавон ба Нақшаи миллии иҷрои тавсияҳои ТДУ дохил кард.

[18]http://notorturetj.org/news/eksperty-vrachi-za-prava-cheloveka-podelyatsya-s-tadzhikskimi-kollegami-svoim-opytom-po
[19] Нигаред ба торнамои Эътилофи ТҒҲ зидди шиканҷа http://notorturetj.org/tj/library/khukukkhoi-hudro-bidon
[20] Нигаред ба торнамои Эътилофи ТҒҲ зидди шиканҷа http://notorturetj.org/tj/library/khukukkhoi-hudro-doned
[21] Ҳамоҳангсозии умумии фаъолияти ҷомеаи шаҳрвандӣ дар доираи ТДУ аз ҷониби ТҶ «Идораи ҳуқуқи инсон ва риояи қонуният» амалӣ карда мешавад.

Баъди ба анҷом расидани марҳилаи муҳокимаҳои мавзӯӣ лоиҳаи Нақшаи миллии иҷрои тавсияҳои марҳилаи дуюми ТДУ таҳия карда шуд, ки ба ҷомеъаи шаҳрвандӣ барои пешниҳод намудани тавсия ва пешниҳодҳои хаттӣ ба ҳар як банди нақша ирсол карда шуд. Аз ҷониби Эътилоф ба бандҳои Нақшаи миллӣ тавсияҳои хаттӣ пешниҳод карда шуд.

7 июни соли 2017 Нақшаи миллӣ аз ҷониби Президенти ҶТ тасдиқ карда шуд. Тавсияҳои Эътилоф ба матни ниҳоии Нақшаи миллӣ дохил карда шуданд.

### 2.6.3. Мақомоти шартномавӣ оид ба ҳуқуқи инсони СММ

*Рӯйхати саволҳо барои Кумитаи зидди шиканҷа ба гузориши даврии сеюми Тоҷикистон.* Дар ҷаласае, ки моҳи ноябри соли 2017 баргузор мегардад Кумитаи зидди шиканҷа рӯйхати саволҳоро ба гузориши даврии сеюми Тоҷикистон оид ба рафти иҷрои Конвенсияи зидди шиканҷа қабул хоҳад кард. Аз ҷониби Эътилоф мониторинги иҷрои тавсияҳои КЗШ анҷом дода шуд: тафсири қонунгузорӣ, тафсири амалияи истифобарии қонунҳо ва мониторингҳо. Натиҷаҳои мониторингҳо дар Пешниҳодҳои Эътилоф барои дохил кардан ба рӯйхати саволҳое, ки дар якҷоягӣ бо Ҳамкории байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон тартиб дода шуда буду ба Кумитаи зидди шиканҷа ирсол гардид ҳамчун асос истифода карда шуданд.

*Таҳия ва пешниҳод намудани Гузориши ТҒҲ ба Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқи башар.* Дар соли 2018 баррасии гузориши даврии сеюми Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рафти иҷрои Конвенсияи зидди шиканҷа ба нақша гирифта шудааст. Моҳи сентябри соли 2017 Фонди ҷамъиятии Нотабене дар якҷоягӣ бо ҲБҲИ корҳоро ҷиҳати таҳия намудани гузориши ТҒҲ ба Кумитаи СММ зидди шиканҷа оғоз намуд. Ҳуҷҷати мазкур моҳи феврали соли 2018 омода хоҳад шуд.

### 2.6.4. Стратегияи Шӯрои Аврупо барои Осиёи Марказӣ

***Муколимаи Иттиҳоди Аврупо - Тоҷикистон доир ба ҳуқуқҳои инсон.*** Ҳар сол пеш аз муколамаи расмии Шӯрои Аврупо ва Тоҷикистон доир ба ҳуқуқҳои инсон вохӯриҳои ҳайати намояндагони Шӯрои Аврупо бо намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ мегузаранд. Дар ҷараёни вохӯриҳо аз ҷониби аъзоёни Эътилоф ба ғайр аз дигар масъалаҳо масъалаи озодӣ аз шиканҷа бардошта мешавад ва минбаъд дар доираи муколамаҳои расмӣ доир ба ҳуқуқҳои инсон масъалаи мазкур мавриди муҳокима қарор дода мешавад.

13 октябри соли 2017 даври нуҳуми муколима гузаронида шуд. Аз ҷониби Фонди ҷамъиятии Нотабене дар якҷоягӣ бо ҲБҲИ ҳуҷҷати таҳлилӣ вобаста ба вазъи ҷойдоштаи шиканҷа дар кишвар, инчунин ҳолатҳои инфиродӣ ва тавсияҳои мушаххас барои ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда шуд.

***«Ҳуқуқи инсон ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Осиёи Марказӣ», Брюссел, 29 июни соли 2017.*** Семинар идомаи конференсияи «Муносибат байни Иттиҳоди Аврупо ва Осиёи Марказӣ», ки моҳи феврали соли 2017 дар шаҳри Брюссел баргузор гардида буд, ба ҳисоб рафт. Дар семинари мазкур аз ҷониби намояндаҳои ҷомеаи шаҳрвандии Осиёи Марказӣ ва Аврупо масъалаи марбут ба вазъи умумии соҳаи ҳуқуқи инсон мавриди муҳокима қарор дода шуд ва барои Иттиҳоди Аврупо ва дигар созмонҳо тавсияҳо таҳия карда шуданд. Чорабинии мазкур таҳти раисии Намояндаи махсуси Иттиҳоди Аврупо оид ба Осиёи Марказӣ сафир Питер Бурян баргузор гардид. Дар рафти чорабинӣ директори Фонди ҷамъиятии «Нотабене» Фавзия Назарова бо гузориши «Арзёбии вазъи бо ҳуқуқи инсон ва ҷомеаи шаҳрвандӣ алоқамандбуда: комёбиҳо, монеаҳо, тамоюл – афзалият барои Тоҷикистон» баромад намуд.

### 2.6.5. Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА)

Аъзоёни Эътилоф дар Ҷаласаи солонаи САҲА оид ба андозагирии инсонӣ, ки моҳи сентябри соли 2017 дар шаҳри Варшава баргузор шуд, иштирок карданд. Дар якҷоягӣ бо Эътилофҳои зидди шиканҷаи Казоқистон ва Қирғизистон ҳуҷҷате омода карда шуд, ки ба он

проблемаҳои асосӣ ва тавсияҳои калидии марбут ба масъалаҳои озодӣ аз шиканҷа дар давлатҳои Осиёи Марказӣ дохил карда шуданд (http://notorturetj.org/en/news/osce-hdim-statement-torture-and-ill-treatment-central-asia).

### 2.6.6. Дастурамали методӣ «Асосҳои қонунӣ ва ба роҳ мондани фаъолияти мақомоти прокуратура вобаста ба пешгирӣ намудан, муайян кардан ва тафтишоти ҳолатҳои шиканҷа»

Соли 2014 аз ҷониби Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кӯмаку дастгирии Ташкилоти ҷамъиятии «Маркази ҳуқуқи инсон» дастурамали илмӣ-методии «Асосҳои қонунӣ ва ба роҳ мондани фаъолияти мақомоти прокуратура вобаста ба пешгирӣ намудан, муайян кардан ва тафтишоти ҳолатҳои шиканҷа» нашр гардид. Соли 2017 аз ҷониби эътилоф пешниҳод карда шуд, ки бо назардошти тағйироту иловаҳои ба қонунгузории кишвар воридгардида ва таҷрибаи дар ин самт бадастомада нашри нави дастурамал таҳия карда шавад. Дастурамал моҳи феврали соли 2017 тарҷума ва нашр хоҳад шуд.

### 2.6.7. Семинарҳо (мастер-клас) оид ба омода кардани тренерон вобаста ба масъалаҳои марбут ба стратегияҳо ва усулҳои ҳимояи ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа

